Пардохти андозҳо - нишонаи бофарҳангии ҷомеа

# Боҷу хироҷ

№18 (1425)

Панҷшанбе,
2 майи соли 2024

www. bojukhiroj.tj
E-mail: boju_hiroj@mail.ru

Рӯзнома аз 26 декабри соли 1998 чоп мешавад.

НАШРИЯИ КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# 4 МАЙ - РӮЗИ КОРМАНДОНИ МАҚОМОТИ АНДОЗ

Мақсади асосии сиёсати андозу буҷет сафарбар намудан ва самаранок истифода кардани захираҳои молияи давлатӣ ҷиҳати ноилшавӣ ба ҳадафҳои рушди иҷтимоиву иқтисодии кишвар мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон



## ТАТБИҚИ КОНСЕПСИЯҲОИ ТАШАККУЛИ ҲУКУМАТИ ЭЛЕКТРОНӢ ВА ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ

Ҷорӣ намудани технологияҳои ҳозиразамони иттилоотӣ ва дар заминаи онҳо омода кардану ба роҳ мондани барномаҳои компютерӣ - самти муҳими фаъолияти мақомоти андоз



## ДАР ИН ШУМОРА:



### САФАРИ РАСМИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БА ИТАЛИЯ ВА ВАТИКАН

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Ҷумҳурии Италия ва Ватикан сафари расмӣ анҷом доданд

Саҳ.2

### ТАТБИҚИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ЗАМОНАВИИ ИТТИЛООТӢ ЯКЕ АЗ САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ АНДОЗ

Сухани табрикии Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Мушовири ҳақиқии давлатии мақомоти андоз Давлатзода Нусратулло Муқим ба муносибати Рӯзи кормандони мақомоти андоз

Саҳ.3

### ҚОИДАҲОИ ДОДАНИ РАМЗҲОИ САБАБҲОИ БАҲИСОБГИРӢ ВА ПЕШБУРДИ ФЕҲРИСТИ ЯГОНАИ ДАВЛАТИИ АНДОЗСУПОРАНДА

Рамзи сабабҳои баҳисобгирӣ рамзи махсуси баҳисобгирӣ мебошад, ки он аз ҷониби мақомоти андоз ҳангоми мавҷуд будани воҳидҳои алоҳидаи шахси ҳуқуқӣ, дигар объектҳои андозбандӣ ва (ё) объектҳои марбут ба андозбандии шахсони зикргардида дода мешавад

Саҳ.6

### ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ДАР ХИЗМАТИ АНДОЗСУПОРАНДАГОН

Муроҷиатҳои ба шуъбаи иттилоот воридшуда чӣ қадаранд ва онҳо кадом масъалаҳоро дар бар мегиранд?

Саҳ.8

### ГУЗАРИШ АЗ ЯК НИЗОМ БА НИЗОМИ ДИГАРИ АНДОЗБАНДӢ - ТАҚОЗОИ ЗАМОН

Қабули Кодекси андоз барои таъмини рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар, ноил шудан ба ҳадафҳои миллӣ, татбиқи Консепсияи иқтисоди рақамӣ, дастгирии давлатии субъектҳои соҳибкорӣ, бахусус, соҳибкории истеҳсолӣ ва ба равандҳои муосири ҷаҳонӣ мутобиқ намудани низоми андозбандии кишвар нигаронида шудааст

Саҳ.11

# САФАРИ РАСМИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БА ИТАЛИЯ ВА ВАТИКАН

Рӯзҳои 22 - 26 апрел Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Ҷумҳурии Италия ва Ватикан сафари расмӣ анҷом доданд



## Мулоқот бо Президенти Ҷумҳурии Италия Серҷо Маттарелла

23 апрел Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Ҷумҳурии Италия муҳтарам Серҷо Маттарелла мулоқот карданд.

Меҳмони олимақом - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар саҳни Қасри "Квиринал" Президенти Ҷумҳурии Италия самимона истиқбол намуд.

Ҷонибҳо зимни музокирот маҷмуи масоили ҳамкории байни ду давлат ва густариши робитаҳо дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодию тиҷоратӣ, инчунин имконоти татбиқи лоиҳаҳои муштараки сармоягузориро баррасӣ карданд.

Баҳрабардорӣ аз таҷрибаи ғании Италия, бахусус, дар соҳаҳои гидроэнергетика, саноати сабук, хӯроквории, дорусозӣ, истихроҷи маъдан, истифодаи захираҳои табиӣ ва кишоварзӣ аз самтҳои афзалиятноку барои ҷонибҳо судовар номида шуд.

Таъкид гардид, ки таъсиси Шурои муштараки тиҷоратӣ барои густариши ҳамкории ҷонибҳо дар бахши хусусӣ иқдоми сариваќтӣ хоҳад буд.

Дар рафти мулоқот масоили дарёфти роҳҳои нави ҳамкорӣ дар самти рафтуомади шаҳрвандон ва таъсиси хатсайри мустақими ҳавоӣ байни ду давлат баррасӣ гардид.

Дар фуроварди мулоқот Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Президенти Ҷумҳурии Италия даъват ба амал оварданд, ки бо сафари расмӣ ба Тоҷикистон ташриф оранд.

## Мулоқот бо Сарвазири Ҷумҳурии Италия Ҷорҷа Мелонӣ

23 апрел дар шаҳри Рим дар доираи сафари расмии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Италия мулоқоту музокироти Тоҷикистону Италия баргузор шуд.

Маросими расмии истиқболи меҳмони олимақом - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар саҳни қароргоҳи Сарвазири Ҷумҳурии Италия "Палатсо Киҷӣ" сурат гирифт.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Сарвазири Ҷумҳурии Италия Ҷорҷа Мелонӣ дар болои суфаи фахрӣ қарор гирифтанд.

Баррасии масоили ҳамкории Тоҷикистону Италия дар мулоқоти хоса оғоз гардида, бо иштироки ҳайатҳои расмии ду кишвар идома ёфт.

Ҷонибҳо зимни мулоқот масоили густариши робитаҳоро дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, тиҷоратӣ, фарҳангию гуманитарӣ ва амниятӣ муҳокима карданд.

Ҳарду ҷониб оид ба тавсеаи ҳамкорӣ дар соҳаҳои гидроэнергетика, саноати сабук, хӯрокворӣ, металлургӣ, маъдан, кимиё, кишоварзӣ, дорусозӣ ва сайёҳӣ изҳори ҳавасмандӣ намуданд. Ҷалби сармояи итолиёвӣ барои рушди соҳаи саноати Тоҷикистон барои ҳарду кишвар судовар номида шуд. Таъкид гардид, ки дар Тоҷикистон барои таъсиси корхонаҳои муштарак оид ба коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, саноатӣ ва афзоиши содироти он ба кишварҳои Аврупо имконияту захираҳо фаровон аст. Таъсиси хатсайрҳои мустақими ҳавоӣ ва робитаҳои ду ҷониб дар соҳаҳои маорифу тандурустӣ, ҷудо кардани квотаҳо барои шаҳрвандони Тоҷикистон дар муассисаҳои олии Италия аз мавзуъҳои дигари мулоқот буд.

## Ба имзо расонидани санадҳои нави ҳамкорӣ байни Тоҷикистон ва Италия

Пас аз анҷоми мулоқоту музокироти расмии Тоҷикистон ва Италия дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Сарвазири Ҷумҳурии Италия хонум Ҷорҷа Мелонӣ санадҳои нави ҳамкорӣ ба имзо расиданд.

Дар маҷмуъ, аз руйи натиҷаҳои вохӯрии сатҳи олӣ 7 санади нав ба имзо расид:

— Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Италия оид ба ҳамкорӣ дар масъалаҳои амниятӣ;

— Ёддошти тафоҳум байни Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Италия оид ба ҳамкории оперативӣ дар мубориза бар зидди маводи нашъаовар;

— Ёддошти тафоҳум байни Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати сайёҳии Ҷумҳурии Италия оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ;

— Барномаи ҳамкории фарҳангӣ, илмӣ ва технологӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Италия барои солҳои 2024-2027;

— Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи рушди устувор байни Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати муҳити зист ва амнияти энергетикии Ҷумҳурии Италия;

— Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Италия оид ба бекор намудани талаботи раводид барои дорандагони шиносномаҳои дипломатӣ;

— Барномаи ҳамкорӣ байни Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои хориҷӣ ва ҳамкории байналмилалии Ҷумҳурии Италия барои солҳои 2024-2026.

## Мулоқот бо мудири иҷроияи Ширкати «ВиБилд» Пиетро Салини

24 апрел Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи сафари расмӣ ба Италия дар шаҳри Рим Мудири иҷроияи Ширкати «ВиБилд» (WeBuild) Пиетро Салиниро ба ҳузур пазируфтанд.

Дар мулоқот масъалаҳои ҳамкорӣ оид ба ҷараёни сохтмони Нерӯгоҳи барқи обии «Роғун» муҳокима гардид.

Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба ҷараёни сохтмони сарбанди нерӯгоҳ, ки зимни сафарҳои корӣ ба мушоҳида мерасид, андешаронӣ намуданд.

Изҳори итминон карда шуд, ки роҳбарияти ширкат тамоми имкониятҳоро ҳудро барои дар муҳлати муқарраргардида анҷом додани нақшаҳои корӣ равона менамояд.

Роҳбари ширкати «ВиБилд» (WeBuild) ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи иҷрои уҳдадориҳо ва ҷараёни корҳои сохтмонӣ маълумот дод.

## Шиносоӣ бо таҷрибаи пешқадами ниҳолпарварӣ ва сабзгардонии муҳити зист

24 апрел Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои шиносоӣ бо таҷрибаи пешқадами ниҳолпарварӣ ва сабзгардонии муҳити зист ба шаҳри Пистояи Италия ташриф оварданд.

Шаҳри Пистоя дар вилояти Флоренсия ва минтақаи Тосканаи Италия, яъне дар яке аз қисматҳои марказии кишвар қарор дошта, бо таҷрибаи пешқадаму омӯхтанӣ дар ниҳолпарварӣ, ҷангалофарӣ, сабзгардонӣ ва ҳифзи муҳити зист шуҳрати ҷаҳонӣ дорад.

Сарвари давлати Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз якчанд парваришгоҳҳои ниҳолҳои дарахтҳои мевадиҳанда ва сояафкану ороишии хеле зебову нодир дидан намуда, бо тарзи шинондан, қаламчагирӣ, парвариш, роҳҳои муосири обу ғизодиҳӣ ва тобоварсозии онҳо ба бемориҳо ва ҳашароти зараррасон ва бахусус мутобиқати онҳо ба иқлими Тоҷикистон шинос шуданд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштанд, ки чунин ҳамкорӣ дар шароити кунунии гармшавии ҷаҳонии иқлим бояд ба маротиб густариш дода шавад.

## Мулоқот бо мудири кулли Созмони озуқаворӣ ва кишоварзии Созмони Милали Муттаҳид Чу Донюй

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи сафари расмӣ ба Италия дар шаҳри Рим бо Мудири кулли Созмони озуқаворӣ ва кишоварзии Созмони Милали Муттаҳид (FAO) Чу Донюй мулоқот намуданд.

Дар мулоқот масоили ҳамкорӣ бо ин ниҳоди СММ дар самти рушди соҳаи кишоварзӣ баррасӣ гардид. Аз ҳамкории муфид бо Созмони озуқаворӣ ва кишоварзӣ қаноатмандӣ зоҳир гардид.

Таъкид шуд, ки беҳбуд бахшидан ба самаранокии соҳаи кишоварзӣ ва таҳкими рушди устувори ин бахш омили муҳими баланд бардоштани некуаҳволии мардуми деҳот аст.

Ҷонибҳо омодагиашонро барои идомаи робитаҳо барои беҳсозии истифодаи заминҳои корам, пешгирӣ аз харобшавии онҳо ва ба истифода додани заминҳои нав иброз доштанд.

Дар доираи пешбурди сиёсати инкишофи иқтисоди «сабз»-и Тоҷикистон воридоти технологияҳои ниҳолпарварӣ баҳри барқарор намудани ҷангалзор, ҳифзи ҷангалу буттазор аз эрозия ва шусташавии заминҳо зарур шумурда шуд.

## Мулоқоти Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон бо Попи Рим Франсиск

26 апрел Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо сафари расмӣ ба Ватикан ташриф оварданд.

Дар саҳни ҳавлии Сан-Дамасо ба хотири истиқболи сазовари меҳмони олимақом Горди фахрӣ саф орост. Дар бинои Тахти Олишаън Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро Попи Рим Франсиск самимона истиқбол гирифт. Дар вохӯрӣ миёни Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Попи Рим Франсиск масоили таҳкими ҳамкории судбахш баррасӣ гардид.

Таъкид гардид, ки дар Тоҷикистон тамоми шароит барои таҳаммулпазирӣ ва ҳамзистии намояндагони ҳамаи динҳо фароҳам оварда шудааст. Мардуми тоҷик, ки таърихан дар тамаддуни ҷаҳонӣ бо рушди илму адаби ғании худ ҳиссаи намоён гузоштааст, аз ҳама гуна гуфтугӯҳои байнидинӣ ва байнитамаддунӣ истиқбол мекунад.

Таъкид гардид, ки Тахти Олишаън ҳамчун субъекти низоми байналмилалӣ дар умури ҷаҳонӣ нақши муҳим дорад. Саҳми доимии ӯ дар татбиқи принсипҳои сулҳу субот, таҳаммул ва ҳамоҳангӣ дар арсаи байналмилалӣ назаррас аст.

# ТАТБИҚИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ЗАМОНАВИИ ИТТИЛООТӢ ЯКЕ АЗ САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ АНДОЗ



**Сухани табрикии Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Мушовири ҳақиқии давлатии мақомоти андоз Давлатзода Нусратулло Муқим ба муносибати Рӯзи кормандони мақомоти андоз**

Ҳамкасбони гиромӣ! Боиси сарфарозӣ ва ифтихор аст, ки бо шарофати Истиқлоли давлатӣ, дар партави сиёсати хирадмандона ва роҳнамоиҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Рӯзи кормандони мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола дар фазои сулҳу осоиштагӣ ва бунёдкорӣ ҷашн гирифта мешавад.

Ба ин муносибат, ҳамаи шумо – кормандони мақомоти андози кишварро ба муносибати Иди касбӣ - Рӯзи кормандони мақомоти андоз самимона табрику таҳният гуфта, бароятон саломатӣ, бахту саодат, хуррамию хонаободӣ ва дар фаъолияти ҳаррӯзаатон дастовардҳои назаррасро таманно менамоям.

Фаъолияти мақомоти андоз, ки ба яке аз соҳаҳои муҳимтарини ҳаёти мамлакат – таъмини қисми даромади буҷети давлатӣ, мусоидат ба рушди соҳибкорӣ ва саҳм гузоштан ба пешрафти иқтисодиёту иҷтимоиёти кишварамон нигаронида шудааст, аз нигоҳи давлатдорӣ бисёр муҳим ва моҳиятнок арзёбӣ мегардад ва бинобар ин, амали мазкур аз ҳар яки мо масъулияти баландро талаб менамояд.

Солҳои охир, бо тақозои замон, дар мақомоти андоз ба равандҳои рақамикунонии соҳа таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда мешавад. Аз ин рӯ, татбиқи технологияҳои замонавии иттилоотӣ, ки пеш аз ҳама, ба беҳтар намудани маъмурикунонии андоз, хубтар кардани сатҳу сифати хизматрасониҳои давлатӣ, баланд бардоштани масъулияти андозсупоранда дар таъмини риояи қонунгузории андоз, инчунин, халалдор насохтани фаъолияти онҳо, равона карда шудааст, воқеан ҳам ба яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомоти андоз табдил ёфтааст.

Имрӯзҳо мақомоти андози Тоҷикистон бо мақсади беҳтар намудани маъмурикунонии андоз ва бо истифода аз технологияи ҳозиразамони иттилоотӣ дар сатҳи замонавӣ ташкил ва беҳтар кардани хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳӣ, ҳаддалимкон сода намудани иҷрои уҳдадориҳои андозӣ аз ҷониби андозсупорандагон, дарёфти манбаъҳои нави андозбандӣ ва дар ин замина афзун намудани воридоти маблағи андозҳо ва дигар пардохтҳо ба буҷети давлатӣ, тадбирҳои судмандро амалӣ намуда истодаанд.

Чуноне ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олӣ таъкид намуданд: "Ҳукумати мамлакат рушди бахши хусусӣ, соҳибкорӣ ва сармоягузориро дар Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 ҳамчун воситаи асосии ноил шудан ба ҳадафҳои миллӣ муайян кардааст ва ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид барои пешбурди фаъолияти соҳибкориву сармоягузорӣ, барои сармоягузорӣ ҷолиб гардонидани иқтисодиёти кишвар ва ба содирот нигаронидани он пайваста чораҷӯйӣ менамояд."

Қобили қайд аст, ки Кумитаи андоз низ бо мақсади иҷрои дастуру роҳнамоиҳои Пешвои миллат ҷиҳати мусоидат ба рушди соҳибкорӣ пайваста чораҷӯӣ менамояд. Аз он ҷумла то ба имрӯз Кумитаи андоз ба андозсупорандагон ва шаҳрвандон (бо дарназардошти гурӯҳбандӣ ва муттаҳидсозӣ) зиёда аз 40 намуд хизматрасониҳои электрониро пешниҳод намудааст. Дар айни замон, гирифтани маълумот аз Феҳристи ягонаи давлатӣ, ба таври электронӣ кушодани суратҳисоби бонкӣ, дар шакли электронӣ пешниҳод намудани эъломияҳои андоз ва ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда, азназаргузаронии ҳисобот, тартиб додани санади муқоисавӣ, ҳисобкунаки андоз, барномаи мобилии "Андози ман", пардохти андозҳо тавассути кортҳои бонкӣ, тақвими андоз, тафтиши ҳуҷҷатҳо тариқи электронӣ, ба ҳисоб гирифтани воҳидҳои алоҳидаи шахсони ҳуқуқӣ ва боз бисёр хизматрасониҳои дигар ба роҳ монда шудаанд.

Бо истифода аз чунин хизматрасониҳо кормандони мақомоти андоз ва андозсупорандагон метавонанд вазифаю уҳдадориҳои худро шаффоф, ба таври фаврӣ, дақиқ ва бидуни сарфи зиёди вақт анҷом диҳанд.

Тадбирҳои андешидашуда дар бораи васеъ намудани истифодаи технологияи ҳозиразамони иттилоотӣ ва дар ин замина тақвият бахшидан ба рақамикунонии соҳа ҷиҳати беҳтар намудани маъмурикунонии андоз ва ҳамкориҳои судманд бо мақомоти иҷроияи марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ имкон доданд, ки иҷрои нишондиҳандаҳои қисми даромади буҷети давлатӣ дар соли 2023 ва чор моҳи соли ҷорӣ барзиёд таъмин карда шаванд.

Дар воқеъ, чунин нишондиҳандаҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки сиёсати андозу буҷетӣ дар Ҷумҳурии мо низ, дар маҷмуъ, дуруст муайян гардида, равандҳои асосии рушди мақомоти андозро дар сатҳи байналмилалӣ дар бар мегирад.

Ҳамзамон, рушди бемайлони соҳибкорӣ, такмили дониши иқтисодӣ ва ҳуқуқии соҳибкорон, таъмини пурра, сифатнок ва барзиёди қисми даромади буҷети давлатӣ, ки вобаста ба талаботи афзояндаи эҳтиёҷоти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва дигар самтҳои таъминоти давлатӣ бо афзоиш муқаррар карда мешавад, тақозо менамояд, ки мо бояд дониши касбии худро пайваста такмил диҳем, тартибҳои замонавии корбариро дар асоси технологияи ҳозиразамони иттилоотӣ истифода намоем, фаъолияти худро дар асоси қонунгузорӣ ба роҳ монем, дар доираи тавсия додани рақамикунонии соҳа, истифодаи дуруст ва самараноки Системаи муттаҳидаи иттилоотии идоракунии андозҳо ва модулҳои компютериро ҳам аз ҷониби кормандони соҳаи андоз ва ҳам андозсупорандагон таъмин созем ва дар иҷрои уҳдадориҳои хизматию мансабиамон масъулияти бештар эҳсос намоем.

Мо бояд ҳар як андозсупорандаро қадр намоем ва бо онҳо муносибати шарикона дошта бошем, ба ҳар як шаҳрванд ва андозсупоранда расонем, ки андозҳо, аслан, саҳм ва сармояи мо барои ояндаи муштараки ободи худи мо мебошад. Мо ҳама мехоҳем, ки муваффақ бошем, дар ҷомеаи мутараққӣ ва кишвари пешрафта зиндагӣ намоем, аммо дар баробари ин, набояд фаромӯш созем, ки асоси ҳамаи ин муваффақиятҳо ба таъмини буҷети давлатӣ вобаста мебошад.

Аз ин рӯ, дар назди мо, кормандони мақомоти андоз, вазифаҳои басо пурмасъулият - иҷрои нишондиҳандаҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024», татбиқи «Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2020-2025», дар маҷмуъ, дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ ва беҳтар сохтани хизматрасонӣ ба андозсупорандагон истодаанд. Бинобар ин, мо бояд фаъолиятамонро самаранoктар ба роҳ монем, то ки дар ҳама самтҳои фаъолият ба дастовардҳои нав ва назаррасе меҳнатӣ ноил гардем.

Имрӯз равандҳое, ки дар ҷаҳони муосир идома доранд, ба монанди бархӯрди фарҳангу тамаддунҳо, тафриқаву низоъҳои диниву мазҳабӣ, густариши бесобиқаи терроризму экстремизми динӣ, «сиёсати дугона» нисбат ба гурӯҳҳои ифротгарои динӣ ва монанди инҳо, ки василаи истифодаи қувваҳои гуногуни манфиатхоҳ гардидаанд, ҷомеаи ҷаҳонӣ, аз он ҷумла мардуми моро ба ташвиш овардаанд.

Ин аст, ки сохтору мақомоти дахлдори кишвар дар асоси барномаҳо ва дигар санадҳои қабулнамудаи Созмони Милали Муттаҳид, инчунин меъёрҳои қонунгузорӣ бар зидди таҳдидҳои зикргардида муборизаи муташаккилонаро ба роҳ мондаанд ва Тоҷикистон имрӯз ба сифати кишвари пешсаф дар самти мубориза бо терроризму экстремизм эътироф гардида, дар ҳамкорӣ бо ҷомеаи ҷаҳонӣ ба муқобили ин зуҳуроти хатарнок мубориза мебарад.

Вобаста ба ин, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми суханрониашон дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини мамлакат (моҳи марти соли 2024) чунин таъкид кардаанд: «Биёед, ба қадри ин Ватан, ин сарзамини биҳиштосои аҷдодӣ, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва нону намаки он расем, ба хотири ободии боз ҳам бештари Тоҷикистони азизамон ва пешрафти давлати соҳибистиқлоламон муттаҳиду сарҷамъона ва софдилонаву содиқона заҳмат кашем. Нагузорем, ки фарзандони мову шумо, яъне оянда ва баракату саодати минбаъдаи мо василаи дасти дигарон ва боиси бадномии миллати тамаддунсози тоҷик дар арсаи ҷаҳонӣ гарданд».

Роҳнамоиҳои Пешвои миллатро сармашқи фаъолияти худ карда, мо бояд ҳамеша дар ёд дошта бошем, ки танҳо кадрҳои замони нав, яъне мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи ҷаҳони муосир метавонанд Ватан ва давлатро соҳибӣ кунанд, обод созанд, тараққиёти давлатро таъмин намоянд ва ҷомеаро пеш баранд.

Муҳтарам ҳамкасбон! Ҳамаи шуморо бори дигар ба муносибати иди касбӣ муборакбод гуфта, бароятон тандурустӣ, умри дароз, хонаободию сарбаландӣ ва дар фаъолияти хизматиатон комёбиҳои беназир орзу менамоям.

Иди касбӣ муборак, ҳамкорони азиз!

# ТАТБИҚИ КОНСЕПСИЯҲОИ ТАШАККУЛИ ҲУКУМАТИ ЭЛЕКТРОНӢ ВА ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ

**Ҷорӣ намудани технологияҳои ҳозиразамони иттилоотӣ ва дар заминаи онҳо омода кардану ба роҳ мондани барномаҳои компютерӣ бо мақсади беҳтар намудани маъмурикунонии андоз, баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасониҳои мақомоти андоз ба андозсупорандагон, дар сатҳи замонавӣ баргузор кардани корҳои фаҳмондадиҳӣ, ҳаддалимкон маҳдуд намудани алоқаи бевоситаи корманди мақомоти андоз бо шаҳрвандон ва андозсупорандагон, яке аз самтҳои муҳими фаъолияти мақомоти андоз ба шумор меравад.**

Тавре ба назар мерасад, солҳои охир дар мақомоти андоз ба раванди рақамикунонии соҳа ва бештар кардани хизматрасониҳои электронӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда мешавад. Татбиқи технологияҳои замонавии иттилоотӣ, пеш аз ҳама, ба беҳтар намудани маъмурикунонии андоз, хубтар кардани сатҳу сифати хизматрасониҳои давлатӣ, баланд бардоштани масъулияти андозсупоранда дар таъмини риояи қонунгузории андоз, инчунин халалдор насохтани фаолияти онҳо равона карда шудааст.

Чуноне ки аз Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ доданд, дар айни замон, гирифтани маълумот аз Феҳристи ягонаи давлатӣ, дар шакли электронӣ пешниҳод намудани эъломияҳои андоз ва ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда, азназаргузаронии ҳисобот, тартиб додани санади муқоисавӣ, ба таври электронӣ кушодани суратҳисоби бонкӣ, пешниҳоди эъломияҳо аз ҷониби хизматчиёни давлатӣ, ҳисобкунаки андоз (барои ҳисоб кардани андоз аз даромад, андоз аз воситаи нақлиёт, молу мулки ғайриманқул, андози замин), гирифтани маълумот дар бораи рақами мушаххаси андозсупоранда, пардохти андозҳо тавассути кортҳои бонкӣ, тақвими андоз, тафтиши ҳуҷҷатҳо тариқи электронӣ, бақайдгирӣ ва қатъи фаъолияти соҳибкорӣ дар шакли электронӣ, ба ҳисоб гирифтани воҳидҳои алоҳидаи шахсони ҳуқуқӣ ва хизматрасониҳои дигар дар шакли электронӣ ба роҳ монда шудааст. Аз ин нуқтаи назар, пешниҳод ва истифода кардани чунин хизматрасониҳо дар шакли электронӣ ба беҳтар гардидани маъмурикунонии андоз замина хоҳад гузашт. Ин хизматрасониҳо ба кормандони мақомоти андоз ва андозсупорандагон имконият медиҳад, ки онҳо вазифа ва ӯҳдадориҳои худро шаффоф, бофавризт, дақиқ ва бо сарфаи ками вақт анҷом диҳанд.

Қобили зикр аст, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёмҳои худ ба Маҷлиси Олии мамлакат пайваста ба беҳтар гардонидани хизматрасониҳои давлатӣ дар шакли электронӣ таъкид мекунанд. Вобаста ба ин, Кумитаи андоз дар доираи Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати рақамикунонии мақомоти андоз ва беҳтар намудани хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, модулҳои зиёди хизматрасонии электрониро мавриди истифода қарор додааст.

Гуфтан бамаврид аст, ки дар доираи барномаҳо ва қарорҳои қабулнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Кумитаи андоз рақамикунонии фаъолияти мақомоти андоз ва афзоиш додани модулҳои барномаҳои компютериро пайваста тақвият мебахшад. Ин аст, ки дар ҳоли ҳозир, хизматрасониҳои электроние, ки аз ҷониби Кумитаи андоз ба шаҳрвандон ва андозсупорандагон пешниҳод шудааст, беш аз 70 ададро ташкил медиҳанд.

Мутахассисони соҳа ба ин назаранд, ки беҳдошти системаи маъмурикунонии андоз то андозае такя ба Консепсияи иқтисоди рақамӣ ва таҳкими механизмҳои ҳавасмандкунии фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ, инчунин кам кардани хароҷот вобаста ба иҷрои ӯҳдадориҳои андоз мебошад. Вобаста ба ин, бо мақсади содаву осон дастрас гардидани хизматрасониҳо ба шаҳрвандон ва андозсупорандагон, баланд бардоштани интизоми андозсупории онҳо, хубтар намудани маъмурикунонии андоз, тақвият бахшидан ба ҷорӣ намудани иқтисодиёти рақамӣ ва беҳтарсозии муносибатҳои андозӣ бо андозсупорандагон, дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019, №643 “Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2020-2025” қабул гардида, амалисозии он дар доираи маблағгузории Лоиҳаи «Амалиёт оид ба ислоҳоти андоз» ба роҳ монда шудааст.

- Рушди маъмурикунонии андоз, ҳамчун як ҷузъи муҳими ислоҳоти иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба беҳтар намудани муҳити корӣ ва фазои сармоягузорӣ, таҳкими рақобатпазирии иқтисоди миллӣ ва ташаккули иқтисоди рақамӣ нигаронида шудааст, - мегӯянд дар Кумитаи андоз. - Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2020 - 2025 бобати рушди рақамикунонии андоз заминаи хуберо фароҳам овардааст. Барномаи мазкур ба афзалиятҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 асос ёфта, бо дар назар доштани дастовардҳои таҷрибаи ҷаҳонӣ, бо мақсади сода ва дастрас намудани хизматрасониҳо ба андозсупорандагон ва баланд бардоштани интизоми андозсупории андозсупорандагон, таъмини рушди мунтазами маъмурикунонии андоз, ҷорӣ намудани иқтисодиёти рақамӣ ва беҳсозии минбаъдаи муносибатҳои андозӣ дар байни андозсупорандагон ва мақомоти андоз амалӣ мегардад.

Ёдовар бояд шуд, ки 3 июни соли 2021 байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи Байналмилалии Рушд Созишнома оид ба маблағгузории лоиҳаи Грантӣ, тахти №D835-TJ “Амалиёт оид ба ислоҳоти андоз” ба имзо расонида шудааст. Давраи татбиқи “Амалиёт оид ба ислоҳоти андоз” солҳои 2021-2026-ро дар бар мегирад ва аз ҷониби Ассотсиатсияи Байналмилалии Рушд барои татбиқи он 50 миллион доллари ИМА пешбинӣ гардидааст. Бояд гуфт, ки “Амалиёт оид ба ислоҳоти андоз” бо мақсади беҳтар кардани сифат ва содагардонии низоми андоз, баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, гузариши пурра ба хизматрасониҳои электронӣ ва барномаҳои компютерӣ, инчунин хубтар намудани риояи ихтиёрии қонунгузории андоз нигаронида шудааст.

Метавон гуфт, ки барномаҳои компютерии Кумитаи андоз, пеш аз ҳама, барои ҳамоҳангсозии фаъолияти тамоми самтҳои мақомоти андоз равона шудааст. Мақсади асосии барномаҳои мазкур, фароҳам овардани шароит барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти андоз мебошад. Чунин хизматрасониҳо ба андозсупорандагон имконият медиҳад, ки онҳо бе ҳозир шудан ба мақомоти андоз, ӯҳдадориҳои андозии худро иҷро намоянд.

Раванди тақвияти иқтидори иқтисодию истеҳсолии кишвар ва омили таъсиррасони он, асосан, дар беҳтар намудани маъмурикунонии андоз, боз ҳам сода ва мусоид намудани хизматрасонӣ ба шаҳрвандон ва андозсупорандагон зоҳир мешавад. Яке аз самтҳои ислоҳоти системаи маъмурикунонии андоз роҳандозии системаи андоз дар асоси технологияҳои рақамӣ мебошад, ки ҳадафи муҳими он аз байн бурдани тамоси шахсӣ миёни кормандони андоз ва андозсупоранда ҷиҳати паст бурдани сатҳи фасод дар системаи андоз мебошад.

Татбиқи чорабиниҳои беҳдошти маъмурикунонии андоз ба баланд бардоштани эътимоди аҳолӣ ба мақомоти давлатӣ, гузариш ба моделҳои муосир ва самараноки технологияҳои пешбурди системаи мақомоти андоз, мукаммал кардани сатҳи дониши ҳуқуқии соҳаи андоз, огоҳии андозсупорандагон ва дар натиҷа, мустақилона риоя карданиқонунҳои андоз ва дар ин асос, боло бурдани нуфузи мақомоти андоз тавассути идоракунии одилона равона карда шудаанд.

Рақамикунонии мақомоти андоз имконият медиҳад, ки хизматрасонӣ ба аҳолӣ ва андозсупорандагон ва табодули маълумот миёни мақомоти давлатӣ дар сатҳи замонавӣ таъмин карда шуда, ба ин васила, самаранокии фаъолият дар ҳамаи самтҳо афзун гардонида шавад. Имрӯзҳо мақомоти андоз дар фаъолияти худ аз стандартҳои замонавӣ ва технологияҳои муосир бештар истифода намуда, барои ба роҳ мондани муносибатҳои шарикона бо бахши хусусӣ, пеш аз ҳама, сода ва осон намудани иҷрои ӯҳдадориҳои андозӣ як қатор тадбирҳоро роҳандозӣ намудаанд. Дар ин раванд яке аз механизмҳои асосии танзимкунандае, ки мақомоти андоз барои андозсупорандагон муҳайё намудаанд, сомонаи Кумитаи андоз (andoz.tj) ба шумор меравад. Дар сомонаи Кумитаи андоз ҳамаи намудҳои хизматрасониҳои мақомоти андоз, ки барои шаҳрвандон ва андозсупорандагон омода гардида, иҷрои ӯҳдадории онҳоро осон менамояд, ҷойгир карда шудааст. Роҳандозии ин тадбирҳо, дар маҷмуъ, барои татбиқи Консепсияи ҳукумати электронӣ ва гузариш ба иқтисоди рақамӣ мусоидат менамояд.

Зикр кардан бамаврид аст, бо мақсади бештар пешниҳод шудани хизматрасониҳои электронӣ ва истифодаи содаю мувофиқи онҳо сомонаи Кумитаи андоз пайваста нав карда мешавад ва бо таҷдиди сомонаи мазкур, дар он навовариҳои зиёде барои истифодабарандагон муҳайё мегардад. Кумитаи андоз ҳамеша кӯшиш менамояд, ки имконияти аз ҷониби шаҳрвандон ва соҳибкорон истифода гардидани сомонаи худро давра ба давра вусъат диҳад ва дар баробари ин, ҳимояи сомона ва дигар хизматрасониҳои электронии дохили онро аз хатарҳои киберӣ таъмин намояд.

Хотиррасон мешавем, ки дар доираи Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ ва Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон КВД «Редаксияи рӯзномаи «Боҷу хироҷ» бо мақсади дуруст ташкил кардани обуна ва сари вақт ба хонандагон дастрас намудани шумораҳои рӯзнома, дар якҷоягӣ бо КВД «Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз» оид ба ташкил ва фаъолгардонии сомонаи интернетии «Боҷу хироҷ», инчунин ба роҳ мондани обунаи электронӣ ба рӯзнома чораҳои иловагиро амалӣ намуда истодааст.

Ба ғайр аз ин, бо мақсади иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2023, №586 “Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ” дар КВД «Редаксияи рӯзномаи «Боҷу хироҷ» шурӯъ аз 1 августи соли 2023 қабули маблағи эълону рекламаҳо ба таври ғайринақдӣ анҷом дода шуда истодааст, ки ин ба тақвият бахшидани раванди рақамикунонии соҳа мусоидат мекунад.

Дар баробари ин, дар шабакаи иҷтимоии Фейсбук саҳифаи фейсбукии рӯзномаи “Боҷу хироҷ” фаъол аст ва ҳамарӯза дар он хабару гузориш ва мақолаву мусоҳибаҳои тахассусӣ гузошта мешавад. Ҳамчунин, дар ин саҳифаи иҷтимоӣ аз ҷониби истифодабарандагон оид ба масъалаҳои андозу андозбандӣ саволу дархостҳо пешниҳод мегардад ва кормандони редаксия ба муроҷиатҳои шаҳрвандон посухҳои мушаххас ва сариваҡтӣ медиҳанд. Яъне метавон гуфт, ки раванди рақамикунонӣ дар рӯзномаи “Боҷу хироҷ” низ хуб ҷараён дорад.

Коршиносони соҳаи андоз бар ин назаранд, ки мақсад аз мавриди истифода қарор додани технологияҳои муосири иттилоотӣ ва моҳияти он, на танҳо дар сатҳи замонавӣ ташкил намудани бақайдгирии андозсупорандагон, баҳисобгирии манбаъҳои андозбандӣ, созмон додани махзанҳои маълумот, балки, пеш аз ҳама, ҳаддалимкон сода намудани иҷрои ӯҳдадориҳои андозии андозсупорандагон, бештар ва беҳтар намудани шаклҳои хизматрасонӣ ва корҳои тавзеҳотию фаҳмондадиҳӣ мебошад.

**Тоҳир ЗИКРУЛЛО**

▼ МАВЗУИ МУҲИМ

# МАНБАЪ ВА МЕЪЁРИ АНДОЗСУПОРИИ БЛОГЕРҲО

**Масъалаи блогерон ва ё субъектҳои соҳибкории дар соҳаи тиҷорати электронӣ фаъолияткунанда аз ҷумлаи мавзуъҳое мебошад, ки чанд вақти охир дар атрофи он сухан бисёр мегӯянд. Бо вуҷуди борҳо нашр шудани мавод доир ба ин масъала нафарони алоҳида дар ин бора камтар огаҳӣ пайдо кардаанд. Аз ин хотир, лозим донистем, ки бобати мавзуи зикршуда ба хонандагони рӯзномаи "Боҷу хироҷ" боз мавод пешкаш кунем.**

Ин навбат чанде аз блогерон ба идораи рӯзнома тамос гирифта, хоҳиш намуданд, ки дар бораи тартиби бақайдгирии субъектҳои соҳибкории дар соҳаи тиҷорати электронӣ фаъолияткунанда, манбаъ ва меъёри андозҳои пардохтшаванда, давраи пешниҳоди эъломия ва амсоли ин маълумот бидиҳем. Нахуст қайд бояд кард, ки дар асоси моддаи 184 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамаи намуди даромадҳо, подошпулиҳо ва манфиатҳои шахсони воқеие, ки дар шакли пулӣ, моддӣ ва ғайримоддӣ ба он пардохт мешаванд, ба даромади умумии чунин шахсони воқеӣ мансубанд ва мавриди андозбандӣ қарор дода мешаванд.

Лозим ба зикр аст, ки бақайдгирӣ ва андозбандии соҳибкорони инфиродии бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ фаъолияткунанда дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» аз 19 майи соли 2009, №508 ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2022, №151 "Дар бораи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродии дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолияткунанда" ба танзим даровarда мешавад.

Ба ғайр аз ин, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, №1921 "Дар бораи савдои электронӣ", ки аз 1 январи соли 2023 мавриди амал қарор гирифтааст, ба танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар самти савдои электронӣ ва ба ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии иштирокчиёни савдои электронӣ, инчунин таъмини фаъолияти онҳо равона гардидааст.

Барои бақайдгирии давлатии шахсони воқеӣ, аз он ҷумла блогерҳо ба сифати андозсупоранда дар самти тиҷорати электронӣ, аз ҷумла соҳибкори инфиродии дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда ба мақомоти андоз ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

- ариза (шакли муқарраршуда) бо тартиби ҳозир шудан ба мақомоти андоз дар шакли коғазӣ ва дар шакли электронӣ тавассути «Ҳуҷраи шахсии андозсупоранда»;

- нусхаи шиноснома, рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА);

- 2 адад расми рангаи 4х6;

- шартномаи иҷора ва ё дар ҳолати мавҷуд набудани нуқтаи савдо ва ё амали гардиши фаъолият нусхаи шиносномаи техникии бинои истиқоматӣ.

Ёдрас мешавем, ки бақайдгирӣ ба сифати андозсупоранда дар мақомоти андоз ройгон анҷом дода мешавад. Дар баробари ин, шаҳрвандон ба андозсупорандагон имконият доранд барои бақайдгирии электронӣ бе ҳозир шудан ба мақомоти андоз муроҷиат намоянд.

Мутобиқи муқаррароти сархати 4 банди 7 моддаи 279 Кодекси андоз, анҷом додани хизматрасонӣ тавассути шабакаи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ вобаста ба пешниҳодҳои техникӣ, ташкилӣ, иттилоотӣ ва имкониятҳои дигар, ки бо истифода аз система ва технологияҳои иттилоотӣ барои ташкил намудани алоқа ва бастани шартномаҳо (аҳдҳо) байни фурӯшандагон ва харидорон (тавассути майдонҳои савдои дар шабакаи Интернет дар вақти воқеӣ амалкунанда, ки дар он ба харидорони воқеӣ арзиши мол (иҷрои кор, хизматрасонӣ) тавассути расмиёти автоматикунонидашуда пешниҳод гардида, тарафҳо ҷиҳати ба савдо баровардани онҳо, тариқи ташкили огоҳонии автоматӣ хабардор мешаванд), ба хизматрасонии электронӣ дохил мешаванд.

Бинобар ин, ҳангоми анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ тавассути шабакаи Интернет ва дигар шабакаҳои иҷтимоӣ чунин шахсони воқеӣ тибқи муқаррароти моддаи 34 Кодекси андоз, уҳдадор мебошанд, ки ҳудро ба сифати соҳибкори инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда ба қайд гиранд ва оид ба ҳаҷми муомилот ва даромадҳои тавассути шабакаи Интернет гирифташон ба мақомоти андоз эъломия ва ҳисоботи зарурирo пешниҳод ва пардохти андозҳоро ба буҷет таъмин намоянд.

Ҳоло саволи муҳим ин аст, ки даромади бадастовардаи блогерон чӣ гуна ҳисоб карда мешавад ва оё зарур аст, ки онҳо доир ба даромадашон ҳисобот пешниҳод кунанд. Вобаста ба ин, мутахассисони Кумитаи андоз чунин посух доданд:

- Дар асоси талаботи моддаҳои 90-92 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамаи андозсупорандагон уҳдадоранд даромад ва хароҷоти фаъолияти соҳибкории худро бо тартиби дар қонунгузорӣ муқарраршуда пеш баранд. Даромади умумии андозсупорандагон, аз он ҷумла блогерҳо тибқи нишондоди дастгоҳи назоратӣ-хазинавӣ (ДНХ), маълумот доир ба қабули маблағи андозҳо дар шакли ғайринақдӣ ба суратҳисоби бонкӣ ва ҳамёнҳои электронӣ воридшуда, инчунин дигар маълумоти ба мақомоти андоз дастрасгардида муайян карда мешавад.

Шахсоне, ки фаъолияти соҳибкориро тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ дар шакли мағозаҳои электронӣ ба роҳ мондаанд, андозро аз ҳисоби маблағҳои бадастовардаашон ҳангоми дар усули хазинавӣ фаъолият намудан бо меъёри 6 фоиз ва аз рӯи усули фаъолияти даромад ва хароҷот бо меъёри 18 фоиз ҳисоб ва ба буҷет пардохт мекунанд.

Ҳамзамон бо ин, бояд қайд кард, блогерҳо, баъди бақайдгирӣ ба сифати андозсупоранда дар мақомоти андоз, уҳдадоранд, ки эъломия андози низоми содакардашударо ҳар семоҳа, на дертар аз санаи 15-уми баъди моҳи ҳисоботӣ, эъломияи андози иҷтимоии худро то санаи 15-уми моҳи минбаъда ба мақомоти андози маҳалли қайди худ пешниҳод кунанд. Дар мавриди истифодаи коргари кироя ё ҷалби кормандон (аз он ҷумла наворбардор, ровӣ ва дигар шахсоне, ки ҳамчун ҳунарманд (актёр) дар видео-роликҳо иштирок мекунанд), уҳдадор мебошанд, ки эъломияи ягонаи андоз аз даромади шахси воқеӣ ва андози иҷтимоиро то санаи 15-уми баъди моҳи ҳисоботӣ пешниҳод намоянд.

Бинобар ин, аз шахсони воқеие, ки дар шабакаҳои иҷтимоӣ саҳифа ё каналҳои худро кушодаву бозиҳои бурднокро ташкил мекунанд ё ба тарғибу ташвиқи молу маҳсулот ва бозиҳои бурдноки интерактивӣ (гив) машғуланд, инчунин фаъолияти дигар ташкилоту муассисаҳоро тарғиб (реклама) мекунанд, даъват ба амал оварда мешавад, ки фаъолияти худро дар асоси қонун ба роҳ монанд ва уҳдадориҳои андозии худро сари вақт ва дар ҳаҷми пурра намоянд.

**Тоҳир ЗИКРУЛЛО**

# РАҚАМИКУНОНИИ РАВАНДИ РӮЁНИДАНИ БАҚИЯИ ҚАРЗИ АНДОЗҲО

**Масъалаҳои истифодаи самараноки технологияҳои иттилоотӣ ва рақамикунонии мақомоти давлатӣ дар мадди назари Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд. Сарвари давлат дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 28 декабри соли 2023) ҷиҳати суръат бахшидан ба равандҳои мазкур дастуру супоришҳои мушаххас доданд. Ин аст, ки Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри вусъат додани рақамикунонии андоз тадбирҳои мушаххасро роҳандозӣ намуда, барои пешгирӣ аз пайдоиши қарзҳои андозӣ ва маҷбуран ситонидани онҳо фармоишҳои инкассавии мақомоти андозро ба тариқи электронӣ таҳия намудааст.**

Ба иттиллои Раёсати ситонидани қарзи андозҳои Кумитаи андоз, таъмини иҷрои сариваҷтӣ ва сифатноки қисми даромади буҷети давлатӣ, алалхусус, дар давраи ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонии иқтисодиёт, сарфаи вақти андозсупорандагону кормандони мақомоти андоз ва кам намудани омилҳои инсонӣ, тақвияти ҳамкориҳо дар сатҳи замонавӣ ва истифодаи самараноки ваколатҳои мақомоти андозро тақозо менамояд.

Дар ин замина, барои пешгирии пайдоиши қарзҳои андозӣ ва маҷбуран ситонидани онҳо, ки яке аз самтҳои асосии фаъолияти мақомоти андоз ба ҳисоб меравад, тақвияти рақамикунонии раванди фаъолияти ҳаррӯза муҳим мебошад.

Дар мақомоти андоз ҳамчунин қайд карданд, ки бо мақсади татбиқи амалии Консепсияи ҳукумати электронӣ дар доираи лоиҳаи "Рушди маъмурикунонии андоз" ҳанӯз дар соли 2021 барномаи компютерии "Идоракунии қарзи андозҳо" мавриди истифода қарор дода шуд. Тибқи барномаи мазкур ҳангоми сари вақт иҷро накардани уҳдадориҳои андозӣ ва пайдо шудани бақияи қарзи андоз ба андозсупорандаи қарздор огоҳинома оид ба пардохти маблағи андозҳо ва дархост дар бораи пешниҳоди маълумоти дахлдор ба тариқи электронӣ ба "Утоқи шахсӣ"-и андозсупоранда ирсол карда мешавад ва лоиҳаи қарорҳои мақомоти андоз оид ба ситонидани қарзи андозҳо ва фармоишҳои инкассавии мақомоти андоз ба тариқи электронӣ таҳия мегарданд.

- Ҳамзамон, таҳия ва тасдиқи санадҳои муқоисавӣ бо андозсупоранда, ки ҳуҷҷати асосии тасдиқкунандаи қарздорӣ ба ҳисоб меравад, ба тариқи электронӣ ба роҳ монда шудааст, – гуфтанд дар Раёсати ситонидани қарзи андозҳои мақомоти андоз. - Дар ин раванд, дар бораи бо ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба роҳ мондани табодули электронии маълумот ба тариқи онлайн дар самти иҷрои қарорҳои мақомоти андоз дар бораи боздошти амалиёти хароҷотии суратҳисобҳои бонкӣ, ситонидани қарзи андозҳо аз ҳисоби маблағҳои суратҳисобҳои бонкии андозсупоранда ва дебиторони он, инчунин иҷрои фармоишҳои инкассавии мақомоти андоз ва ба тариқи онлайн бекор намудани қарорҳои мақомоти андоз дар бораи боздошти амалиёти хароҷотии суратҳисобҳои бонкӣ ва ситонидани қарзи андозҳо аз ҳисоби маблағҳои суратҳисобҳои бонкӣ як қатор корҳо ба сомон расонида шудаанд.

Қайд карда шуд, ки аз 1 марти соли 2024 бо яке аз ташкилотҳои бонуфузи қарзии молиявии ҶСП ТАҚХ "Ҳумо" пурра ба тариқи онлайн ирсол намудани қарорҳои мақомоти андоз ва фармоишҳои инкассавӣ, инчунин ба тариқи онлайн бекор намудани қарорҳои мақомоти андоз роҳандозӣ гардидааст.

Инчунин, барои ҷорӣ намудани хизматрасониҳои электронии зикргардида бо ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон" барномаҳои системаи иттилоотии Кумитаи андоз пурра омода карда шудааст ва баъди мутобиқ намудани системаҳои иттилоотии бонкҳои номбурда бо системаи иттилоотии мақомоти андоз ба тариқи онлайн ирсол намудани қарорҳои мақомоти андоз ва фармоишҳои инкассавӣ, инчунин ба тариқи онлайн бекор намудани қарорҳои мақомоти андоз роҳандозӣ карда мешаванд.

Чораандешӣ ҷиҳати иҷрои пурра муқаррароти моддаҳои 125, 140, 145 ва 146 Кодекси андоз дар бораи ба роҳ мондани табодули электронии маълумот доир ба иҷрои қарорҳои мақомоти андоз дар бораи боздошти амалиёти хароҷотии суратҳисобҳои бонкӣ, ситонидани қарзи андозҳо аз ҳисоби маблағҳои суратҳисобҳои бонкӣ, фармоишҳои инкассавии мақомоти андоз, инчунин ба тариқи онлайн бекор намудани қарорҳои мақомоти андоз бо ҳамаи ташкилотҳои қарзии молиявии ҷумҳурӣ идома доранд.

**Ширинмоҳи МУҲАММАДӢ**

# ҚОИДАҲОИ ДОДАНИ РАМЗҲОИ САБАБҲОИ БАҲИСОБГИРӢ ВА ПЕШБУРДИ ФЕҲРИСТИ ЯГОНАИ ДАВЛАТИИ АНДОЗСУПОРАНДА

**Мутобиқи муқаррароти моддаи 79 Кодекси андоз ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 июли соли 2022, №360, рамзи сабабҳои баҳисобгирӣ рамзи махсуси баҳисобгирӣ мебошад, ки он аз ҷониби мақомоти андоз ҳангоми мавҷуд будани воҳидҳои алоҳидаи шахси ҳуқуқӣ, дигар объектҳои андозбандӣ ва (ё) объектҳои марбут ба андозбандии шахсони зикргардида бо мақсади таъмини назорат, ситонидани андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет дода мешавад.**



Ҳангоми фаъолият дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути воҳиди алоҳида (ба истиснои филиал ва намояндагиҳо), ариза дар бораи ба ҳисоб гузоштани воҳиди алоҳидаи шахси ҳуқуқӣ ба мақомоти андози маҳалли ҷойгиршавӣ (суроға)-и он дар муддати 5 рӯзи тақвимӣ баъди таъсиси чунин воҳиди алоҳида пешниҳод карда мешавад.

Дар ҳолати мавҷуд будани воҳидҳои алоҳидаи шахси ҳуқуқӣ, дигар объектҳои андозбандӣ ва (ё) объектҳои марбут ба андозбандӣ, мувофиқи тартиб ва шакли тасдиқнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ ба шахсони зикргардида тибқи Қоидаҳои зикршуда рамзҳои сабабҳои ба ҳисоб гузоштан муқаррар карда мешаванд. Ин гуна рамзҳои сабабҳои ба ҳисоб гузоштан инчунин ба муассисаи доимии ғайрирезиденте, ки фаъолияти худро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бе филиал (намояндагӣ) ё агентҳои ваколатдорнамудаи худ анҷом медиҳад, муқаррар карда мешаванд.

Рамзи сабабҳои баҳисобгирӣ аз дувоздаҳ аломат (рақам ва ҳуруфоти лотинӣ)-и бо усули электронӣ ташаккулёфта иборат буда, дорои иттилооти зерин мебошад:

**АА** - рамзи нозироти андозе, ки ин андозсупорандаро ба қайд гузоштааст (рақамӣ);

**ВВ** - рамзи нозироти андозе, ки воҳиди алоҳидаи таъсиснамудаи андозсупорандаро дар маҳалли ҷойгиршавии объекти андозбандӣ ва (ё) объектҳои ба андозбандӣ алоқаманд ба қайд гузоштааст (рақамӣ);

**С** - шахси ҳуқуқӣ;

**D** - рамзи сабабҳои ба ҳисоб гузоштан, аз он ҷумла:

**А** - вобаста ба молу мулки ғайриманқул;

**В** - вобаста ба воситаи нақлиётии ба қайд гирифташуда;

**С** - вобаста ба иҷрои уҳдадориҳои андоз оид ба пардохти дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети ҷумҳуриявӣ ва (ё) маҳаллӣ;

**D** - вобаста ба низоми содакардашудаи андозбандӣ барои субъектҳои бизнеси бозӣ;

**Е** - вобаста ба низоми содакардашудаи андозбандӣ барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ (андози ягонаи кишоварзӣ);

**F** - вобаста ба пардохти андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ мутобиқи қисми 1 моддаи 241 Кодекси андоз;

**G** - вобаста ба пардохти андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ мутобиқи қисми 3 моддаи 243 Кодекси андоз;

**N** - вобаста ба бақайдгирии шахси ҳуқуқии хориҷӣ ба сифати супорандаи андоз аз арзиши иловашуда мутобиқи сархати чоруми қисми 1 моддаи 245 Кодекси андоз;

**FFFFF** - аломати тартибии бо ҳуруфоти лотинӣ (аз А то Z) ташаккулёбанда, ки рақами тартибии бақайдгирии объекти андозбандӣ ва (ё) объекти ба андозбандӣ алоқаманди андозсупорандаро муайян месозад ва тартиби ташаккули он аз ҷониби мақомоти андоз муқаррар карда мешавад;

**J** - ҳарфи назоратӣ, ки тавассути ҳуруфоти лотинӣ (аз А то Z) ташаккул ёфта, ҳолатҳои рамзгузории комилан мутобиқро истисно мекунад.

Ариза дар бораи баҳисобгирии молу мулки ғайриманқул, воситаҳои нақлиёт ва дигар объектҳои андозбандӣ ё объектҳои бо андозбандӣ алоқаманд дар маҳалли ҷойгиршавиашон аз ҷониби андозсупоранда дар давоми 10 рӯзи пас аз ба миён омадани ҳолатҳои дахлдор пешниҳод карда мешавад.

Мақомоти андоз ҳуқуқ доранд дар асоси далелҳо ва маълумоти дар ихтиёрдоштааш, ки мутобиқи моддаи 81 Кодекси андоз аз ҷониби мақомоти дахлдори давлатӣ ба онҳо пешниҳод шудаанд, инчунин иттилооти ба онҳо дастрасшуда, ки барои мақсадҳои ба баҳисобгирӣ зарур ва кифоя мебошад, мустақилона (то давраи аз ҷониби андозсупоранда пешниҳод намудани ариза) ба ҳисоб гузоштани андозсупорандагонро дар мақомоти андоз таъмин намоянд.

Мақомоти андоз уҳдадор аст, ки дар муҳлати 3 рӯзи корӣ, баъди пешниҳоди тамоми ҳуҷҷатҳои зарурӣ, андозсупорандаро дар маҳалли ҷойгиршавии объектҳои андозбандӣ ва (ё) объектҳои ба андозбандӣ алоқаманди он ба ҳисоб гузорад ва дар ҳамин муҳлат бо тасдиқнома дар бораи додани рамзҳои сабабҳои баҳисобгирӣ таъмин созад.

Рамзҳои сабабҳои баҳисобгирии ба андозсупоранда додашуда, танҳо дар асоси муроҷиати хаттии андозсупоранда бо пешниҳоди ариза ва (ё) ҳангоми риоя накардани талаботи қонунгузории андоз аз ҷониби мақомоти андоз бекор карда мешавад.

Шакли ариза ва номгӯйи ҳуҷҷатҳои дигаре, ки ба мақомоти андоз ҷиҳати баҳисобгирӣ (бекоркунии баҳисобгирӣ)-и воҳидҳои алоҳидаи шахси ҳуқуқӣ, дигар объектҳои андозбандӣ ва (ё) объектҳои марбут ба андозбандӣ пешниҳод карда мешаванд, аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ муайян карда мешаванд.

Пешбурди Феҳристи ягонаи давлатии андозсупорандагонро (минбаъд - Феҳрист) мақоми ваколатдори давлатӣ дар асоси иттилооти электронии баҳисобгирӣ анҷом медиҳад. Пешбурди Феҳрист амалҳои зеринро дар бар мегирад:

- ворид намудани маълумот дар бораи андозсупорандагон;

- тағйир додан ва (ё) илова намудани маълумот дар бораи баҳисобгирии андозсупорандагон;

- хориҷ намудани маълумот дар бораи андозсупорандагон.

Мақомоти андоз мутобиқи талаботи қисми 10 моддаи 78 Кодекси андоз ба Феҳрист маълумоти зеринро ворид менамоянд:

- дар бораи шахси воқеӣ, аз он ҷумла шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бешаҳрванд - оид ба маҳалли истиқомат ва (ё) будубоши муваққатии ӯ;

- дар бораи шахси ҳуқуқӣ-резидент, филиал ва намояндагии он, филиал ва (ё) намояндагии шахси ҳуқуқии ғайрирезидент - оид ба маҳалли ҷойгиршавии онҳо;

- дар бораи шахси ҳуқуқӣ-ғайрирезиденте, ки фаъолияташро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути муассисаи доимӣ бе таъсис додани филиал ва (ё) намояндагӣ амалӣ менамояд, - оид ба маҳалли ҷойгиршавии агенти вобаста - шахсе, ки функсияҳои муассисаи доимии ғайрирезидентро амалӣ менамояд;

- дар бораи шахси воқеӣ ва ҳуқуқии ғайрирезиденте, ки коғазҳои қиматнок, ҳиссаи иштирок, молу мулки ғайриманқулро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мехарад (мефурӯшад), - оид ба маҳалли ҷойгиршавии ин молу мулк ва (ё) резиденте, ки ваколати пешбурди Феҳристи соҳибони коғазҳои қиматнок ва (ё) ҳиссаи иштироки зикргардидаи резидентро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дошта, коғазҳои қиматнок, ҳиссаи иштирок ва (ё) молу мулки ғайриманқулро мехарад (мефурӯшад);

- дар бораи намояндагии дипломатӣ ва намояндагии ба он баробаркардашудаи давлати хориҷӣ, ташкилоти байналмилалии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аккредитатсияшуда, - оид ба маҳалли ҷойгиршавии онҳо;

- дар бораи ғайрирезиденте, ки фаъолияташро бе таъсис додани филиал ва намояндагӣ тавассути муассисаи доимӣ амалӣ менамояд, оид ба маҳалли бақайдгирии шахсе, ки ваколатҳои муассисаи доимии ғайрирезидентро амалӣ менамояд;

- дар бораи ғайрирезиденте, ки дар ташкилотҳои қарзии молиявии резидентӣ суратҳисоб мекушояд, - оид ба маҳалли ҷойгиршавии ташкилоти қарзии молиявӣ-резидент (агенти андоз);

- дар бораи шахсони хориҷие, ки мустақиман ба шахсони воқеӣ хизматрасониҳои фосилавиро (электрониро) анҷом медиҳанд;

- дар бораи шахси воқеие, ки ба синни 16 нарасидааст, - оид ба маҳалли истиқомат ва намояндаи қонунӣ ё ваколатдори ин шахс;

- дар бораи воситаҳои нақлиёти ҳавоӣ ва дигар воситаҳои нақлиёт, - оид ба маҳалли ҷойгиршавии соҳибмулк;

- дар бораи молу мулки ғайриманқул, қитъаҳои замин, - оид ба маҳалли воқеии ҷойгиршавии молу мулки ғайриманқул, соҳибмулк, қитъаи замин ва дорандаи ҳуқуқи истифодаи замин.

Ба Феҳрист маълумот оид ба шахсоне, ки мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» аз қайди давлатӣ гузаштаанд, ворид карда мешавад. Мақомоти андоз тибқи тартиби пешбининамудаи Кодекси андоз Феҳристи ягонаи давлатии андозсупорандагонро тариқи махзани маълумот пеш мебаранд ва ҳифзи иттилооти дар он ҷамъоваришавандаро таъмин менамоянд.

**Инобат САДИРОВА**

## Венеция вводит взнос для туристов, приезжающих на 1 день

**С 25 апреля Венеция введет оплату €5 для туристов старше 14 лет, посещающих город только на один день.**

Согласно информации телеканала France24, с 25 апреля Венеция введет оплату в размере €5 (около 500 рублей) для туристов, посещающих город только на один день.

Новое правило будет распространяться на всех лиц старше 14 лет и предполагается, что взнос будет взиматься только в течение 29 самых загруженных дней 2024 года. Ожидается также, что туристы будут обязаны платить за посещение в выходные и праздничные дни с мая по июль.

Оплата должна быть внесена при въезде в город с 8:30 до 16:00. Для получения пропуска необходимо будет предъявить билет в виде QR-кода; за отсутствие билета взимается штраф в размере €50–300 (от 5 тыс. до 30 тыс. рублей).

Мэр Венеции Луиджи Бруньяро отметил, что это нововведение находится пока на стадии эксперимента. Он выразил надежду, что это поможет разгрузить город и побудит туристов посещать его в менее загруженные дни с целью сделать Венецию более пригодной для проживания.

Интересно, что в июле 2023 года эксперты ЮНЕСКО рекомендовали включить Венецию в Список всемирного наследия, находящегося под угрозой. Основной причиной был массовый туризм, который оказал вред окружающей среде и архитектурному наследию города.

**Источник: http://taxpravo.ru**

**Бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳое, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 28 декабри соли 2023) вобаста ба рақамикунонии андоз ва содаю дастрас намудани хизматрасониҳо ба шаҳрвандон ироа гардид, аз ҷониби Кумитаи андоз як қатор фармоишҳо вобаста ба иҷрои дастуру супоришҳо қабул гардидаанд.**

# МАҚСАД: БАЛАНД БАРДОШТАНИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ



Аз он ҷумла он бо фармоиши Кумитаи андоз аз 25 январи соли 2024 таҳти №62 вобаста ба баҳисобгирии шахсони воқеӣ ва таъмин намудани онҳо бо рақами мушаххаси андозсупоранда дар шакли электронӣ ба роҳ монда шудааст.

Ба роҳ мондани ҳамкориҳо ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ва беҳтар намудани муносибатҳои андозӣ бо андозсупорандагон, аз ҷониби Кумитаи андоз дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда дар самти баҳисобгирии андозсупорандагон дар шакли электронӣ анҷом додани амалҳои баҳисобгирӣ ва бақайдгирии давлатӣ тайи солҳои охир тадбирҳои зиёди судманд роҳандозӣ шудаанд.

Ёдовар мешавем, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Қоидаҳои баҳисобгирӣ, додани рақами мушаххаси андозсупоранда ва рамзҳои сабабҳои ба ҳисоб гузоштан" дар таҳрири нав аз 29 июли соли 2022, №360 қабул гардида, мавриди амал қарор дорад.

Тибқи Қоидаҳои мазкур, баҳисобгирии андозсупоранда дар асоси аризаи хаттии андозсупоранда ё намояндаи ваколатдори ӯ, иттилооти мақоми ваколатдори давлатӣ ва (ё) мақомоти дигар, иттилооти ташкилоти қарзии молиявӣ ва иттилооти мақомоти ҳудудии андоз амалӣ карда мешавад ва баҳисобгирии шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ, филиал ва намояндагии шахси ҳуқуқии ватанӣ ва хориҷӣ, инчунин муассисаи доимии шахси ҳуқуқии хориҷӣ, намояндагиҳои дипломатӣ ва намояндагиҳои ба онҳо баробаркардашудаи давлатҳои хориҷии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аккредитатсияшуда, баҳисобгирии андозсупорандагон ба сифати супорандаи андоз аз арзиши иловашуда, баҳисобгирӣ ба сифати андозсупорандаи электронӣ ва баҳисобгирии андозсупоранда дар маҳалли ҷойгиршавии объекти андозбандиро дар бар мегирад.

Рақами мушахасси андозсупоранда ба шахси воқеӣ ва (ё) ҳуқуқӣ, филиал ва (ё) намояндагии шахсони ҳуқуқии хориҷӣ ҳангоми баҳисобгирӣ дар мақомоти андоз ба сифати андозсупоранда дода мешавад. Инчунин ҳангоми бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, филиал ва (ё) намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ дар баробари додани рақами ягонаи мушаххаси бақайдгирии давлатӣ рақами мушаххаси андозсупоранда ва шаҳодатнома дар бораи додани рақами мушаххаси андозсупоранда низ дода мешавад.

Мақомоти андоз ба шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ, филиалҳо ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ шаҳодатнома дар бораи додани рақами мушаххаси андозсупорандаро ба таври ройгон медиҳад.

Шахсони воқеии то синни 16-и Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд ихтиёран ва шахсоне, ки ба синни 16 расидаанд, уҳдадоранд барои гирифтани рақами мушаххаси андозсупоранда ба мақомоти андоз муроҷиат намоянд.

Дар робита ба ин масъала, дар Нозироти андози ноҳияи Темурмалик миёни наврасону ҷавонон вохӯрӣ доир гардид. Дар вохӯрии мазкур ҷиҳати баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, тартиби расмиёти бақайдгирии шаҳрвандон ва таъмин намудани онҳо бо рақами мушаххаси андозсупоранда дар шакли электронӣ муфассал шарҳ дода шуд.

Барои тартиби мазкур гирифтани рақами мушаххаси андозсупоранда, шаҳрвандон бояд амалҳои зеринро анҷом диҳанд.

1. Тавассути сомонаи Кумитаи андоз (www.andoz.tj) ба бахши "Шахсони воқеӣ" ворид шуда, зербахши "Баҳисобгирии РМА"-ро интихоб ва маълумоти зеринро ворид менамоянд:

1) дар қисмати аввал, насаб, ном ва номи падари шахси РМА-гиранда пур карда мешавад;

2) дар қисмати номи падар, насаб, ном ва номи падари шахси РМА-гиранда пур карда мешавад;

3) дар қисмати номи модар, насаб, ном ва номи модари шахси РМА-гиранда пур карда мешавад;

4) дар қисмати Нозироти андоз ҳатман бояд Нозироти андози маҳалли бақайдгирии суроғаи истиқомати (прописка) шахси РМА-гиранда интихоб карда шавад;

5) дар қисмати ҷинс, ҷинси (мард ва ё зан) шахси РМА-гиранда интихоб карда мешавад;

6) дар қисмати санаи таваллуд, санаи таваллуди шахси РМА-гиранда ворид карда мешавад;

7) дар қисмати шаҳрвандӣ, шаҳрвандии (гражданство) шахси РМА-гиранда интихоб карда мешавад;

8) дар қисмати намуди ҳуҷҷат, ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсияти (шаҳодатномаи таваллуд ё шиноснома) шахси РМА-гиранда интихоб гардида, баъд аз интихоб кардани ҳуҷҷат силсилаи ҳуҷҷат, рақами ҳуҷҷат, санаи ҳуҷҷат ва маълумот нисбати мақомоте, ки ҳуҷҷати тасдиқкунандаро додааст, интихоб карда мешавад.

9) дар қисмати акси шахсӣ бо ҳуҷҷати тасдиқкунанда, шахси РМАгиранда симои худро бо дар даст доштани ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият (шаҳодатномаи таваллуд ё шиноснома) аксбардорӣ намуда (селфи) ба қисмати обзор ворид менамояд, дар қисматҳои нусхабардории боркунии ҳуҷҷат ва нусхабардорӣ ва боркунии ҳуҷҷати иловагӣ нусхаи (копия) ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсияти шахси РМА-гиранда ворид карда мешавад.

10) дар қисмати суроғаи ҷойи зист, маълумот оид ба суроғаи истиқомати шахси РМА-гиранда, рақами хона, рақами ҳуҷра аз рӯйи ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият, рақами телефони мобилӣ ва почтаи электронӣ пур карда мешавад.

11) дар қисмати маълумот дар бораи падар ё модар, маълумоти падар ё модари шахси РМА-гиранда оид ба РМА рақами телефон ва ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсияти падар ва ё модар пур карда мешавад.

2. Пас аз ворид намудани маълумот ва ирсоли дархости электронӣ, барномаи компютерӣ бе дахолати корманди мақомоти андоз ба таври автоматӣ ба телефони мобилии шаҳрванд СМС - Паёмак бо дарҷ гардидани рақами мушаххаси андозсупоранда пешниҳод карда мешавад.

Ҳамзамон, адозсупоранда метавонад Гувоҳнома дар бораи додани РМА - ро аз почаи электронӣ дастрас намояд.

3. Ҳангоми коркард шудани маълумот муайян гардидани номутобиқатии рақами телефони мобилии пешниҳодшуда бо маълумоти барномаи компютерии Кумитаи андоз ва ё ҳолатҳои аз ҷониби шахси РМА-гиранда пур карда нашудани яке аз сатрҳои дархост, тавассути "СМС-паёмак" ва ё почтаи электронӣ ба муроҷиаткунанда ба таври электронӣ огоҳинома ирсол карда мешавад.

Ҳамчунин, дар вохӯрӣ қайд карда шуд, андозсупорандагон уҳдадоранд рақами мушаххаси худро дар ҳисоботи андозӣ, мукотибот бо мақомоти андоз, гумрук ё молия, дар муносибатҳои мутақобила бо дигар мақомоти ваколатдор, дар эъломияҳои гумрукӣ, ҳуҷҷатҳои пардохтӣ, ҳарҷномаҳо, чекҳои дастгоҳҳои назоратӣ- хазинавӣ, ҳуҷҷатҳои корӣ, шартномаҳо, бланкҳо ва муҳрҳо нишон диҳанд.

Дар фарҷоми вохӯрӣ миёни иштирокчиён ва мутахассисони соҳаи андоз саволу ҷавоб сурат гирифт.

**Фотимаи МИРЗОХОН**

# БЕҲТАР КАРДАНИ САМАРАНОКИИ САМТИ ФАЪОЛИЯТ



**Натиҷаи корҳои назоратӣ нишон медиҳад, ки ҳарчанд маданияти андозсупории андозсупорандагон нисбат ба давраҳои қаблӣ беҳтар гардидаю сатҳи қонунвайронкуниҳои андоз нисбатан коҳиш ёфтааст, аммо дар фаъолияти андозсупорандагони алоҳида қонунвайронкуниҳои андоз ҳанӯз ҳам ба назар мерасад. Барои хубтар ба роҳ монда шудани фаъолияти соҳибкорон ва истифода гардидани ДНХ аз ҷониби онҳо кормандони мақомоти андоз дар марказҳои савдо ва бозорҳои кишвар корҳои фаҳмондадиҳӣ мегузаронанд.**

Яке аз корҳои назоратие, ки мақомоти андоз пайваста дар фаъолияти андозсупорандагон мегузаронанд, хариди назоратӣ аст, ки мақсад аз гузаронидани он пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз дар мавриди истифодаи ДНХ мебошад. Тавре аз Раёсати санҷишҳои амалиётӣ ва назорати фаврии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ доданд, ба ҳолати 1 апрели соли 2024 дар мақомоти андоз, дар маҷмӯъ, 1389 адад хариди назоратӣ ба маблағи умумии 9,3 млн сомонӣ гузаронида шудааст, ки аз ин ҳисоб маблағи 6,1 млн сомонӣ (66,1%) ба буҷет ворид гардидааст ва барои таъмини боқимонда маблағи ҷаримаҳои маъмурӣ чораҷӯйӣ идома дорад.

Инчунин дар давоми 3 моҳи соли 2024 аз тарафи нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои Ҷалолиддини Балхӣ ҳамагӣ 3 адад, Қубодиён 3 адад, Фархор 3 адад, Дӯстӣ 3 адад, Кушониён 2 адад, Ҷайҳун 2 адад, Рашт 2 адад, Лахш 3 адад ва Тоҷикобод 1 адад дар фаъолияти андозсупорандагон аз як то се адад хариди назоратӣ гузаронида шудааст, ки ин, албатта, ғайриқаноатбахш мебошад.

Бақияи қарз аз ҳисоби харидҳои назоратӣ дар давоми солҳои 2021-2024 дар мақомоти ҳудудии андоз 7,8 млн сомониро ташкил медиҳад, аз он ҷумла дастгоҳи марказӣ 1,6 млн сомонӣ, вилояти Суғд 2,6 млн сомонӣ, вилояти Хатлон 1,6 млн сомонӣ, шаҳри Душанбе 1,3 млн сомонӣ ва шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ 355,6 ҳазор сомонӣ рост меояд.

Маблағи ҷаримаҳои маъмурӣ ба ҳисоби миёна дар шаҳру ноҳияҳо барои як адад протоколи маъмурӣ чунин мебошад: Дастгоҳи марказӣ 9,7 ҳазор сомонӣ, Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе 5,4 ҳазор сомонӣ, вилояти Суғд 6,9 ҳазор сомонӣ, вилояти Хатлон 6,2 ҳазор сомонӣ, ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 4,0 ҳазор сомонӣ.

Бояд қайд кард, ки аз тарафи Кумитаи андоз ҳар моҳ рӯйхати андозсупорандагоне, ки аз ДНХ қисман ё пурра (зиёда аз 10 рӯз) истифода намекунанд, барои чораҷӯйӣ ба мақомоти ҳудудии андоз ирсол карда мешаванд.

Бинобар ин, мақомоти ҳудудии андозро зарур аст, ки барномаҳои компютериро пайваста истифода намуда, нисбати андозсупорандагоне, ки аз ДНХ қисман ё пурра истифода намекунанд, корҳои назоратӣ, аз он ҷумла харидҳои назоратӣ гузаронида ва барои рафъи камбудиҳои ҷойдошта чораҳои зарурӣ андешанд.

**Ҷовиди СУФӢ**

## ҲОЛАТИ БАҚАЙДГИРӢ ВА АНДОЗБАНДИИ СУБЪЕКТҲОИ ДАР СОҲАИ БИЗНЕСИ БОЗӢ ФАЪОЛИЯТКУНАНДА

**- Иҷрои нишондиҳандаҳои пешбинишудаи андоз аз бизнеси бозӣ, - гуфтанд дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, - дар 3 моҳи соли 2024 дар миқёси ҷумҳурӣ 15,5 млн сомониро ташкил дод. –Дар ин давра ба буҷет ба маблағи 18,9 млн сомонӣ андоз аз бизнеси бозӣ ворид гардидааст, ки ба 121,6 фоизи нақшаи пешбинишуда баробар мебошад. Воридоти маблағи андоз нисбат ба нақшаи пешбинишуда 3,4 млн сомонӣ ва нисбат ба маблағҳои дар ҳамин давраи соли 2023 воқеан ҷамъоваригардида 3,8 млн сомонӣ зиёд аст.**



Яке аз манбаъҳои таъмини иҷрои босифати нақшаи воридоти андоз аз бизнеси бозӣ бақайдгирии пурраи субъектҳои соҳаи бизнеси бозӣ фаъолияткунанда ба ҳисоб меравад.

Мутобиқи маълумоти ҷамъбастӣ, ба ҳолати 1 апрели соли 2024 дар мақомоти ҳудудии андоз 679 адад субъекти бизнеси бозӣ (аз он ҷумла, 289 адад шахси ҳуқуқӣ ва 390 нафар соҳибкори инфиродӣ) ба қайди давлатӣ гирифта шудааст. Шумораи объектҳои ба андозбандӣ алоқаманди субъектҳои мазкур, дар маҷмуъ, 1958 ададро ташкил медиҳанд, ки аз ин 4 адад сомонаи идораи букмекерӣ, 6 адад кассаи тотализатор, 306 адад кассаи идораи букмекерӣ, 216 адад мизи бозӣ, 646 адад автомати бозӣ бе бурди пулӣ, 293 адад мизи билярд, 45 адад бозии лото ва 442 адад дигар объектҳои бизнеси бозӣ ба ҳисоб мераванд. Бояд гуфт, ки ба буҷет ба маблағи 18,9 млн сомонӣ андоз аз бизнеси бозӣ ворид гардидааст.

Ҳамин тавр, дар 3 моҳи соли 2024 маблағи умумии андоз аз бизнеси бозии ҳисобшуда, дар маҷмуъ, 17,9 млн сомониро ташкил медиҳад, ки мутаносибан нисбат ба 3-моҳаи соли 2022 ба маблағи 5,8 млн сомонӣ ва нисбат ба ҳамин давраи соли соли 2023, дар маҷмуъ, 3,2 млн сомонӣ зиёд мебошад.

Ҳаҷми андозҳои ҳисобшуда дар 3 моҳи соли 2024, дар маҷмуъ, аз ҳисоби шахсони ҳуқуқӣ 16,5 млн сомонӣ ва аз ҳисоби соҳибкорони инфиродӣ 1,4 млн сомониро ташкил медиҳад, ки афзоиши дар 3 моҳи соли 2024 нисбат ба ҳамин давраи соли 2023 мутаносибан аз ҳисоби шахсони ҳуқуқӣ 3,1 млн сомонӣ ва аз ҳисоби соҳибкорони инфиродӣ 77,7 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Чунone ки дар Кумитаи андоз ёдрас шуданд, тибқи талаботи қисми 2 моддаи 392 Кодекси андоз, манбаъ ва меъёри андоз аз бизнеси бозӣ барои давраи андоз, новобаста аз андозаи даромад, дар ҳаҷми устувор барои ҳар воҳиди объекти андозбандӣ дар мувофиқа бо Кумитаи андоз аз ҷониби мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳрҳо (ноҳияҳо) муқаррар карда шуда, бо қарори Маҷлиси вакилони халқи шаҳрҳо (ноҳияҳо) тасдиқ карда мешаванд.

Бинобар ин, бо дарназардошти гуфтаҳои боло, мақомоти андоз ҷиҳати баҳисобгирӣ ва бақайдгирии пурраи манбаъҳои андозбандишаванда, дар ҳаҷми пурра дар эъломияҳои андозӣ нишон додани объектҳои андозбандӣ, инчунин пешгирии қонунвайронкуниҳо ва бартараф кардани камбудиҳои ҷойдошта чораҳои иловагӣ меандешад.

**Фотимаи МИРЗОХОН**

**Мақомоти андози кишвар бо истифода аз технологияҳои ҳозиразамони иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ барои беҳтар ба роҳ мондани хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ, дуруст ҳисоб ва пардохт намудани андозҳо ва дар сатҳи муосир анҷом додани коркарди маълумот мунтазам чораҷӯӣ карда истодаанд.**

# ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ДАР ХИЗМАТИ АНДОЗСУПОРАНДАГОН

## Муроҷиатҳои ба шуъбаи иттилоот воридшуда чӣ қадаранд ва онҳо кадом масъалаҳоро дар бар мегиранд?

Хизматрасонӣ ба шаҳрвандону андозсупорандагон ва пайваста беҳтар намудани сатҳу сифати онҳо яке аз самтҳои муҳими фаъолияти Кумитаи андоз ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, бо ин мақсадҳо барои қабули муроҷиатҳо сомонаи Кумитаи андоз (andoz.tj), почтаи электронӣ (info@andoz.tj), рақамҳои содакардашудаи телефонии “151”, “152” шуъбаи иттилоотӣ (Маркази тамос) ва рақами телефони боварии Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “233-09-05” ба роҳ монда шудаанд.

Муроҷиатҳо ба таври автоматӣ дар шакли телефонӣ ва ё ин ки почтаи электронӣ (info@andoz.tj) 29 адад ба қайд гирифта шуда, баррасии онҳо пайгирӣ карда мешавад. Аммо муроҷиатҳои телефонӣ дар соатҳои корӣ ва электронӣ шабонарӯзӣ қабул карда мешавад.

Дар робита ба ин, сардори шуъбаи иттилоот ва коркарди муроҷиатҳои электронии Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Обиди Муҳаммадсаид гуфт, ки дар давраи моҳҳои январ-марти соли 2024 тавассути рақами телефони “152” 1095 адад, “Чат-паёмак” 77 адад ва телефони боварии Раиси Кумитаи андоз 95 адад, дар маҷмуъ, 10165 адад муроҷиат қабул карда шудааст, ки нисбат ба семоҳаи якуми соли 2023 (6466 адад) ба миқдори 3699 адад зиёд аст.

Тавассути рақами содакардашудаи “151” аз ҷониби шаҳрвандон ва андозсупорандагон 8869 адад муроҷиат ворид гардидааст, ки ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли 2023 (5714 адад) 3155 адад ё 155,2 фоиз зиёд мебошад.

Шумораи бештари муроҷиатҳо, яъне 4412 маротиба ё 49,7 фоиз аз шаҳри Душанбе ба қайд гирифта шудааст. Дар ҳамин давраи соли 2023 ин нишондод 2161 адад ё 37,8 фоизро ташкил медод. Яъне муроҷиатҳо аз ҳудуди шаҳри Душанбе 2,0 маротиба зиёд шудааст. Бештари занґҳои телефонӣ ба ноҳияҳои Исмоили Сомонӣ (13,6 фоиз), ноҳияи Сино (17,3 фоиз) рост меояд. Аз ноҳияҳои Шоҳмансур ва Фирдавсӣ таносубан 10,4 ва 8,5 фоиз рост меояд. Новобаста аз он ки корҳои фаҳмондадиҳӣ дар шакли семинар-машварату, воҳӯриҳо дар шаҳри Душанбе нисбати дигар минтақаҳо зиёдтар гузаронида мешавад ва ин андозсупорандагон ба алоқаи интернетӣ ва дарёфт кардани маълумоти зарурӣ дастраси хубтар доранд, вале муроҷиатҳо ҳанӯз аз ин андозсупорандагон бештар аст.

Аз андозсупорандагони вилояти Хатлон дар ин давра ба Кумитаи андоз 1770 адад ё 20,0 фоизи занґҳо ворид шудааст, дар семоҳаи якуми соли 2023 ин нишондод 26,0 фоиз буд. Нисбатан муроҷиати бештар аз шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб (1,4 фоиз), Бохтар (1,3 фоиз), Кушониён (2,2 фоиз), Шаҳритус (1,6 фоиз) ва Ёвон (1,7 фоиз) ворид шудаанд.

Аз вилояти Суғд 1527 адад ё 17,2 фоизи муроҷиатҳо қабул карда шудаанд, ки дар семоҳаи аввали соли 2023-юм 1097 адад ё 19,2 фоиз буд. Муроҷиатҳо аз шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд 5,9 фоиз, Исфара 1,6 фоиз, Конибодом 1,2 фоиз, Панҷакент 1,3 фоиз, Истаравшан 1,8 фоиз ва Бобоҷон Ғафуров 1,3 фоиз қабул карда шудааст.

Аз ВМКБ ҳамагӣ 100 адад занги телефонӣ қабул карда шудааст, ки нисбат ба семоҳаи аввали соли 2023-юм 120 адад кам аст.

Дар давраи ҳисоботӣ аз шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 49,7 фоизи муроҷиатҳо қабул карда шудаанд, ҳол он ки дар ҳудуди шаҳр танҳо 13,1 фоизи шумораи умумии андозсупорандагони дар қайдбуда фаъолият мекунанд, яъне дар шаҳри Душанбе ҳиссаи муроҷиатҳо нисбати ҳиссаи субъектҳои дарқайдбуда (49,7-13,1) 36,6 фоиз ё 3,8 маротиба зиёд аст. Ба истиснои шаҳри Душанбе ҳамин гуна ҳолат дар шаҳру ноҳияҳои Рӯдакӣ 0,1 фоиз, Кушониён 1,1 фоиз, Шаҳритус 0,2 фоиз, Левакант 0,5 фоиз, Норак 0,3 фоиз ва Хуҷанд 3,0 фоиз ҷой дорад.

Мавзуъҳои асосии муроҷиатҳои қайдшуда пайвастшавии электронӣ, пешниҳоди ҳисоботу эъломияҳои электронӣ 1530 адад (17, 3 фоиз), семоҳаи якуми соли 2023 (484 адад ё 8,5 фоиз), эъломияҳои хизматчиёни давлатӣ 819 адад (9,2 фоиз), семоҳаи якуми соли 2023 (958 адад ё 17,2 фоиз), андоз аз даромад аз шахсони воқеӣ 2346 адад (26,5 фоиз), ин нишондод дар семоҳаи якуми соли 2023-юм 297 адад ё 5,2 фоиз , ҳисобу пардохти андоз аз арзиши иловашуда, ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва анбори электронӣ 607 адад (6,8 фоиз), дар семоҳаи якуми соли 2023 (411 адад ё 7,2 фоиз), андозбандии соҳибкорони бо патент фаъолияткунанда 296 адад (3,3 фоиз), семоҳаи якуми соли 2023 (236 адад ё 4.1 фоиз), ҳисобкунии андозҳо аз молу мулки ғайриманқул ва ба иҷора додани объектҳои ғайриманқул 999 адад (11.3 фоиз), семоҳаи якуми соли 2023 (423 адад ё 7,4 фоиз), андозбандии хоҷагиҳои деҳқонӣ 440 адад (5,0 фоиз), семоҳаи якуми соли 2023 (417 адад ё 7,3 фоиз), санади муқоисавии электронӣ 217 адад (2,4 фоиз), семоҳаи якуми соли 2023 (149 адад ё 2,6 фоиз), бақайдгирӣ ва аз қайдбарории ДНХ ва POS-терминалҳо 392 адад (4,4 фоиз), семоҳаи якуми соли 2023 (194 адад ё 3,4 фоиз), бақайдгирӣ ва қатъкунии фаъолият 112 адад (1,3 фоиз), дар моҳҳои январ-марти соли 2023 (209 адад ё 3,7 фоиз) ва ғайраҳо рост меояд.

Таҳлили занґҳои телефонӣ аз рӯи мавзуи муроҷиатҳо нишон медиҳад, ки дар маҷмуъ, масъалаи асосӣ дар семоҳаи якуми соли 2024 пешниҳоди эъломияи андоз аз даромади шахсони воқеӣ бо замимаи рӯйхати кормандон мебошад, ки барои ҳалли ин масъала ва дуруст пешниҳод кардани эъломияи мазкур 2346 адад муроҷиат қабул карда шудааст, ки 26,5 фоизи муроҷиатҳои умумиро ташкил медиҳад. Барои ба маълумоти андозсупорандагон расонидани масъалаи мазкур дар шаҳри Душанбе ва марказҳои вилоятҳои Суғду Хатлон семинар-машваратҳо гузаронида шуда, видео-роликҳо дар сомонаи Кумитаи андоз ва ҳамчунин дар шабакаҳои иҷтимоӣ ҷойгир карда шудаанд, вале ҳанӯз чораҳои андешидашуда нокифояанд.

Ҳамчунин бештари муроҷиатҳо оид ба мавзуъҳои пайвастшавии электронӣ, пешниҳоди ҳисоботу эъломияҳои электронӣ, ҳисобу пардохти андоз аз арзиши иловашуда, ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва анбори электронӣ, ҳисобкунии андози ғайриманқул ва ба иҷора додани объектҳои ғайриманқул, андозбандии хоҷагиҳои деҳқонӣ, бақайдгирӣ ва азқайдбарории ДНХ ва POS-терминалҳо, эъломияҳои электронии хизматчиёни давлатӣ, андозбандии соҳибкорони бо патент фаъолияткунанда, бақайдгирӣ ва қатъи фаъолияти соҳибкорӣ, эъломияи андози даромад аз шахсони ҳуқуқӣ, суди сахмия ва тавозуни солонаи муҳосибӣ ворид шудааст.

**Инобат САДИРОВА**

# ҲАДАФҲОИ СОЗАНДА

**Бо мақсади таъмини раванди саноатикунонии босуръати мамлакат, мутобиқ ба Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2022 – 2026 дар кишварамон «Солҳои рушди саноат» эълон гардидааст. Ҷиҳати татбиқи амалии ин ҳадаф тайи солҳои охир дар саросари ҷумҳуриамон корхонаҳои нави саноатӣ ва истеҳсоли молу маҳсулоти гуногун сохта ба истифода дода мешаванд. Дар ин замина, шумораи корхонаҳо дар тамоми манотиқи мамлакатамон зиёд гардида, ҳаҷми воридоти маблағи андозҳо низ ба қисми даромади буҷети давлатӣ меафзоянд.**



Тавре аз маълумоти сардори Нозироти андози андозсупорандагони калон дар вилояти Суғд Зокир Каримзода бармеояд, дар заминаи амалӣ намудани ҳадафи чоруми миллӣ - саноатикунонии босуръати кишвар ва чорабиниҳои «Солҳои рушди саноат» дар ин минтақа теъдоди корхонаҳои калони самти фаъолият ва истеҳсолоташон гуногунҷабҳа сол аз сол бештар мегарданд. Ин аст, ки ба ҳолати 1-уми апрели соли 2024 шумораи корхонаҳои дар қайди Нозироти андози андозсупорандагони калонбуда дар вилояти Суғд ба 170 адад расидааст. Танҳо дар семоҳаи аввали соли ҷорӣ назар ба аввали сол теъдоди чунин корхонаҳои тобеи НААК дар вилояти Суғд 10 адад зиёд гардидааст.

Бино ба таъкиди сардори Нозироти андози андозсупорандагони калон дар вилояти Суғд Зокир Каримзода дар баробари зиёдшавии шумораи корхонаҳои калон вазни қиёсии маблағҳои ҳисобшуда ва пардохтшудаи андози онҳо низ ба қисми даромади буҷети давлатӣ сол аз сол афзоиш ёфтааст. Масалан, дар семоҳаи аввали соли 2024 маблағи ҳисобшудаи андози корхонаҳои дар қайди НААК буда дар вилояти Суғд 397 миллиону 825 ҳазор сомониро ташкил додааст. Дар ҳоле ки дар ҳамин давраи соли 2023 маблағҳои ҳисобшудаи андози корхонаҳои мазкур баробар ба 365 миллиону 401 ҳазор сомонӣ буд. Яъне маблағҳои ҳисобшудаи андози корхонаҳои дар қайди НААК дар вилояти Суғдбуда дар семоҳаи соли равон назар ба ҳамин марҳалаи соли гузашта 32 миллион сомонӣ ё 109,0 фисад афзудаанд.

Табиист, ки дар баробари афзоиши маблағи ҳисобшавандаи андозҳо, дар як вақт ҳаҷми маблағҳои пардохтшаванда ҳам зиёд мешавад. Чуноне ки маблағи пардохтшудаи андозҳо аз ҳисоби корхонаҳои калони вилояти Суғд дар семоҳаи сипаришудаи соли равон 419 миллиону 351 ҳазор сомониро дар бар гирифта, дар қиёси ҳамин давраи соли пеш 12 миллиону 128 ҳазор сомонӣ бештар, ё 103,0 фоиз афзоиш ба назар мерасад. Яъне иҷрои нақшаи пешбинишудаи ҷамъоварии андозҳо барои корхонаҳои дар қайди НААК дар вилояти Суғдбуда дар семоҳаи аввали соли 2024 таъмин карда шуд.

Лозим ба ёдоварист, ки аз 170 адад корхонаи дар қайди НААК будаи вилояти Суғд аксарашон супорандагони андоз аз арзиши иловашуда мебошанд. Дар семоҳаи аввали соли 2024 маблағи ҳисобшудаи андози арзиши иловашуда аз ҳисоби ин корхонаҳо, дар маҷмуъ, 83 миллиону 736 сомонӣ ва пардохтшуда 90 миллиону 865 ҳазор сомониро ташкил додааст.

Бояд таъкид дошт, ки як самти муҳими фаъолияти кормандони НААК дар вилояти Суғд ба пешбурди корҳои назорати риояи талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии кишвар дар фаъолияти корхонаҳо равона шудааст. Дар ҳамин раванд, дар давоми се моҳи аввали соли равон дар фаъолияти корхонаҳои дар қайди НААКбуда дар вилояти Суғд дар умум 36 адад назорати камералӣ гузаронида шуданд. Дар натиҷа, ба маблағи 28 миллиону 689 ҳазору 643 сомонӣ андозҳои иловагӣ ошкор гардиданд. Аз маблағи андозҳои иловагӣ ошкоршуда ба унвонии корхонаҳои дахлдор ба маблағи умумии 20 миллиону 98 ҳазору 836 сомонӣ эъломия пешниҳод карда шудааст. Қайд намудан бамаврид аст, ки дар қиёс ба ҳамин давраи соли 2023 аз рӯи натиҷаҳои фаъолият дар семоҳаи якуми соли 2024 шумораи назорати камералии гузаронидашуда 10 адад, маблағи андозҳои иловагӣ ошкоргардида 17 миллион сомонӣ ва эъломияи пешниҳодшуда 13 миллион сомонӣ бештар мебошанд.

Аз ҷониби кормандон дар фаъолияти корхонаҳои дар қайд НААК дар вилояти Суғдбуда дар ин давра ҷиҳати таъмини риояи қонунгузории андоз харидҳои назоратӣ низ гузаронида шудаанд. Маблағи ҷаримаҳои маъмурии татбиқшуда барои дуруст истифода накардани ДНХ, ба харидорон надодани чипта ва дигар қонунвайронкуниҳои андоз дар фаъолияти чунин корхонаҳои вилояти Суғд дар ин семоҳа 375 ҳазору 840 сомониро дар бар гирифта аст.

Ҳамчунин, бо мақсади сари вақт ба қайд гирифтан ва ба андозбандӣ ҷалб намудани коргарони кироя корхонаҳо аз ҷониби роҳбарияти НААК дар вилояти Суғд тадбирҳои сариваќтӣ андешида мешаванд. Ахиран, таҳлилҳои гузаронидаи мутахассисони соҳа муайян намуд, ки дар баъзе аз корхонаҳои азими вилояти Суғд, мутаассифона, шумораи кормандони кирояро дар семоҳаи соли 2024 назар ба ҳамин давраи соли 2023 кам намудаанд. Аз он ҷумла, дар ҶДММ «ҶЕЙЭЛ» 283 нафар ва дар ҶДММ «Гурӯҳи илмӣ – техникӣ Хуайей Хитой» 178 нафар коҳиши шумораи кормандон ба қайд гирифта шудаанд.

Новобаста аз ин, музди миёнаи меҳнат дар корхонаҳои дар қайди НААК буда дар вилояти Суғд дар муқоиса ба ҳамин давраи соли сипаришуда дар семоҳаи соли ҷорӣ 244 сомонӣ афзоиш ёфтааст. Фонди музди меҳнат низ дар ин марҳала 10 миллион сомонӣ зиёд шуда, дар маҷмуъ, 206 миллиону 784 ҳазору 812 сомониро ташкил намудааст.

Хубу босифат таъмин карда шудани нишондиҳандаи ҷамъоварии андозҳо дар семоҳаи аввали соли 2024 кормандони Нозироти андози андозсупорандагони калон дар вилояти Суғдро руҳбаланд намуда, онҳоро барои ҷамъбасти бомуваффақияти соли равон дилпурона ҳидоят месозад.

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА,**
**вилояти Суғд**

# САНҶИШИ АМАЛИЁТӢ ЧӢ НАТИҶА ДОД?

**Санҷишҳои андоз бо мақсади назорати риояи қонунгузории андоз, аз он ҷумла пардохти боҷи давлатӣ ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет гузаронида мешаванд. Умуман, санҷиши амалиётии андоз усули амалисозии назорати андоз аз ҷониби мақомоти андоз буда, нисбати субъект (субъектҳо)-и фаъолияти соҳибкорӣ (шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ) гузаронида мешаванд.**

Ба гуфтаи сардори шуъбаи Раёсати санҷишҳои амалиётӣ ва назорати фаврии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷомӣ Муродализода, дар 3 - моҳаи аввали соли 2024 аз тарафи мақомоти ҳудудии андоз дар фаъолияти 6245 андозсупоранда (аз он ҷумла 782 шахси ҳуқуқӣ, 4597 соҳибкори инфиродӣ ва 866 нуқтаи бидуни бақайдгирӣ дар мақомоти андоз) санҷиши амалиётӣ гузаронида шудааст. Аз шумораи нуқтаҳои санҷидашуда 13,9 фоизашро шахсони воқеии бидуни бақайдгирӣ дар мақомоти андоз ба фаъолияти соҳибкории ғайриқонунӣ машғулгардида ташкил медиҳад.

Ҷ. Муродализода ёдрас шуд, ки дар ин давра санҷиши амалиётӣ 1852 андозсупоранда (аз он ҷумла 106 адад ҳамчун шахси ҳуқуқӣ, 662 соҳибкор бо шаҳодатнома ва 1084 соҳибкор бо патент ва шаҳодатномаи махсус) бо ҳуҷҷатҳои соҳибкорӣ ва 2091 коргари кироя бо шартномаҳои меҳнатӣ таъмин карда шудаанд. Инчунин, 538 иҷорадиҳандаи молу мулки ғайриманқул, ки бидуни бастани шартнома фаъолият доштанд, бо шартномаи иҷора ва 108 андозсупоранда (аз ҷумла 56 шахси ҳуқуқӣ ва 54 соҳибкори инфиродӣ) бо ДНХ таъмин гардиданд.

- Дар рафти гузаронидани санҷишҳои амалиётӣ дар фаъолияти андозсупорандагон дар 3 моҳи соли ҷорӣ 23,8 млн сомонӣ андозҳои иловагӣ ҳисоб карда шудааст, - гуфт номбурда. - Аз ин 20,6 млн сомониаш ба буҷети дахлдор таъмин карда шудааст, ки 86,5 фоизро ташкил медиҳад. Ҳамзамон, нисбати 909 андозсупоранда бо моддаҳои дахлдори Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 4,2 млн сомонӣ протоколҳои маъмурӣ тартиб дода шуд ва аз ин маблағ 3,3 млн сомониаш ба буҷет ворид карда шудааст, ки 78,6 фоизро ташкил мекунад. Бояд қайд кард, ки ҷораҷӯйӣ дар ин самт идома дорад.

Ҷ. Муродализода хотирнишон сохт, аз ҷониби нозиротҳои андози баъзе аз шаҳру ноҳияҳо дар 3 моҳи соли 2024 ягон адад санҷиши амалиётӣ гузаронида нашудааст. Яке аз қонунвайронкуниҳое, ки дар фаъолияти андозсупорандагон ҳангоми гузаронидани санҷиши амалиётӣ ба назар мерасад, нодуруст нишон додани шумораи кормандони кироя ва фонди музди меҳнати онҳо дар эъломияҳои андоз мебошад. Инчунин, дар ҳисоботи пешниҳоднамудаи мақомоти ҳудудии андоз, тавре муайян карда шуд, аз тарафи нозиротҳои андози баъзе шаҳру ноҳияҳои кишвар дар вақти гузаронидани санҷиши амалиётӣ дар 3 моҳи соли ҷорӣ ягон адад иҷораи молу мулк ба қайд гирифта нашудааст.

Риояи намудани қоидаҳои рехтан (печондан), гузоштани тамғаҳои аксизӣ, нигаҳдорӣ, фурӯши молҳои зераксизӣ ва амалӣ кардани намудҳои алоҳидаи фаъолияти зераксизӣ яке аз самтҳои асосии санҷиши амалиётӣ ба ҳисоб рафта, тибқи ҳисоботи аз ҷониби мақомоти ҳудудии андоз пешниҳодшуда, аксари шаҳру ноҳияҳо ҳангоми гузаронидани санҷиши амалиётӣ дар фаъолияти андозсупорандагон қонуншиканиро вобаста ба молҳои зераксизӣ ошкор накардаанд. Инчунин, баъзе нозиротҳои андоз дар давоми 3 моҳи соли 2024 фармоишҳоро тибқи барномаи СМИИА ташкил намуда, натиҷаи санҷиши амалиётиро сари вақт ва пурра дар барномаи мазкур ворид накардаанд.

Барои дуруст ва шаффоф дарҷ намудани ҳисоботи санҷиши амалиётӣ дар барномаи СМИИА мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда шудаанд ва дар ин самт чораҷӯӣ хоҳанд кард.

**Ҷовиди СУФӢ**

# ЯК ҚАТОР ҚОНУНВАЙРОНКУНИҲО ОШКОР КАРДА ШУДААНД

**Дар вилояти Хатлон ба масъалаи назорату ошкор кардани қонунвайронкуниҳо таваҷҷуҳи махсус равона мегардад.**

**Тавре аз Раёсати андоз дар вилояти Хатлон хабар доданд, дар семоҳаи якуми соли равон аз тарафи мақомоти андоз дар вилояти Хатлон барои вайрон намудани қонунгузории соҳаи андоз нисбати 1274 ҳуқуқвайронкунанда протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ баррасӣ шуда, ба маблағи 3,3 миллион сомонӣ ҷаримаи маъмурӣ татбиқ ва аз ин ҳисоб 1,7 миллион сомонӣ ба даромади буҷет ворид шудааст.**

- Дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2023, шумораи ошкорсозии қонуншиканиҳои соҳаи андоз ва таҳияи протоколҳои маъмурӣ, дар маҷмуъ, 132 адад, маблағи ҷаримаҳои маъмурӣ 648,1 ҳазор сомонӣ ва воридоти маблағи ҷаримаҳои маъмурӣ 897,2 ҳазор сомонӣ кам шудааст, - гуфт сардори шуъбаи баҳисобгирии даромадҳои раёсати андоз Сангин Саидзода. - Омӯзиши ҳисоботи пешниҳоднамуда ва таҳлили кор бо барномаи компютерии СМИИА «Ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва баҳсҳои андозӣ» муайян намуд, ки дар фаъолияти як қатор нозироти андози шаҳру ноҳияҳои вилоят нишондиҳандаҳои дар боло зикршуда дар сатҳи паст қарор доранд.

Иттилоъ дода шуд, ки дар ин давра дар алоҳидагӣ ба раёсати андоз 353,9 ҳазор сомонӣ, шаҳру ноҳияҳои Кӯшониён 12,5 ҳазор сомонӣ, Хуросон 4,2 ҳазор сомонӣ, Дӯстӣ 68,6 ҳазор сомонӣ, Қубодиён 74,4 ҳазор сомонӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ 56,1 ҳазор сомонӣ, Панҷ 3,3 ҳазор сомонӣ, Ёвон 228,7 ҳазор сомонӣ, Левакант 28,6 ҳазор сомонӣ, Кӯлоб 43,6 ҳазор сомонӣ, Муъминобод 7,4 ҳазор сомонӣ, Фархор 33,1 ҳазор сомонӣ, Темурмалик 10,3 ҳазор сомонӣ ва Шамсиддин Шоҳин 4,7 ҳазор сомон рост меояд.

Чуноне, ки зикр карда шуд, масъалаи дигари ташвишовар бақияи маблағи ҷаримаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурии рӯёниданашудаи солҳои 2022 ва 2023 мебошад, ки дар микёси вилоят ба ҳолати якуми январи соли 2024, дар маҷмуъ, 6,6 миллион сомонӣ ҳамчун бақияпулӣ монда буд. Бақияи ҷаримаҳои маъмурии мазкур ба раёсати андоз 1,8 миллион сомонӣ, нозироти андози шаҳру ноҳияҳои Бохтар 547,9 ҳазор сомонӣ, Кӯшониён 349,1 ҳазор сомонӣ, Вахш 212,1 ҳазор сомонӣ, Хуросон 100,1 ҳазор сомонӣ, Дӯстӣ 182,0 ҳазор сомонӣ, Қубодиён 311,7 ҳазор сомонӣ, Ҷалолиддини Балхӣ 132,3 ҳазор сомонӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ 344,7 ҳазор сомонӣ, Ҷайҳун 117,1 ҳазор сомонӣ, Панҷ 394,6 ҳазор сомонӣ, Шаҳритус 109,5 ҳазор сомонӣ, Ёвон 645,6 ҳазор сомонӣ, Носири Хусрав 67,8 ҳазор сомонӣ, Левакант 46,6 ҳазор сомонӣ, Кӯлоб 202,9 ҳазор сомонӣ, Муъминобод 56,8 ҳазор сомонӣ, Восеъ 174,1 ҳазор сомонӣ, Мир Саид Алии Ҳамадонӣ 166,9 ҳазор сомонӣ, Фархор 227,3 ҳазор сомонӣ, Данғара 76,5 ҳазор сомонӣ, Темурмалик 84,2 ҳазор сомонӣ, Ховалинг 121,1 ҳазор сомонӣ, Шамсиддин Шоҳин 12,9 ҳазор сомонӣ, Балҷувон 41,9 ҳазор сомонӣ ва Норак 84,5 ҳазор сомонӣ рост меояд.

Таъкид гардид, ки дар семоҳи соли 2024 аз ҷониби раёсати андоз ва нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои вилоят дар маҷмуъ 491,9 ҳазор сомонӣ маблағи бақияпулӣ ба даромади буҷет ворид карда шудааст. Аз ин маблағ ба раёсати андоз 214,4 ҳазор сомонӣ, нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои Бохтар 2,8 ҳазор сомонӣ, Кӯшониён 61,2 ҳазор сомонӣ, Вахш 10,1 ҳазор сомонӣ, Хуросон 9,7 ҳазор сомонӣ, Дӯстӣ 1,3 ҳазор сомонӣ, Қубодиён 18,3 ҳазор сомонӣ, Ҷалолиддини Балхӣ 6,7 ҳазор сомонӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ 19,3 ҳазор сомонӣ, Ҷайҳун 6,5 ҳазор сомонӣ, Панҷ 24,3 ҳазор сомонӣ, Шаҳритус 5,9 ҳазор сомонӣ, Ёвон 50,7 ҳазор сомонӣ, Носири Хусрав 2,2 ҳазор сомонӣ, Левакант 2,1 ҳазор сомонӣ, Кӯлоб 17,6 ҳазор сомонӣ, Муъминобод 1,3 ҳазор сомонӣ, Восеъ 8,6 ҳазор сомонӣ, Мир Саид Алии Ҳамадонӣ 6,0 ҳазор сомонӣ, Фархор 6,3 ҳазор сомонӣ, Данғара 3,1 ҳазор сомонӣ, Темурмалик 2,7 ҳазор сомонӣ, Ховалинг 1,2 ҳазор сомонӣ, Шамсиддини Шоҳин 2,6 ҳазор сомонӣ, Балҷувон 3,9 ҳазор сомонӣ ва Норак 2,8 ҳазор сомон рост меояд.

С. Саидзода изҳор намуд, ки мақомоти ҳудудии андоз дар самти таъмини риояи қонунгузории соҳаи андоз, пешгирӣ ва ошкор кардани ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ, таҳияи протоколҳои маъмурӣ ва татбиқ намудани ҷаримаҳои маъмурӣ, рӯёнидани маблағҳои ҷаримаи маъмурӣ, ҳамкорӣ бо мақомоти салоҳиятдор оид ба ситонидани маблағҳои андоз ва ҷаримаҳои татбиқшуда мунтазам чораҷӯӣ хоҳанд кард.

**С. РУСТАМ,**
**вилояти Хатлон**

# РАМЗГУЗОРИИ ЭЛЕКТРОНИИ МОЛҲОИ ЗЕРАКСИЗӢ

## Гузориш аз ҷаласаи корӣ бо субъектҳои хоҷагидоре, ки ба истеҳсол, воридот ва фурӯши маҳсулоти зераксизӣ машғуланд

**Чанде пеш дар Кумитаи андоз бо иштироки муовини якуми Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Аюбҷон Солеҳзода ва намояндагони ҶДММ «Технология Групп» ва субъектҳои хоҷагидоре, ки ба истеҳсол, воридот ва фурӯши маҳсулоти зераксизӣ машғуланд, доир ба рамзгузории электронии молҳо ҷаласаи корӣ доир гардид.**

Дар ҷаласа рафти иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 июни соли 2023, №263 «Дар бораи рамзгузории электронӣ, фаъолияти операторони пайгирикунандаи гардиши молҳо ва раванди назорати онҳо» ва ҷиҳати дар амал татбиқ намудани муқаррароти қарори мазкур бо субъектҳои хоҷагидоре, ки ба истеҳсол, воридот ва фурӯши маҳсулоти зераксизӣ машғул мебошанд мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Ҷаласаи кориро муовини якуми Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон А.Солеҳзода оғоз намуда, ёдовар шуд, ки қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 июни соли 2023, №263 «Дар бораи рамзгузории электронӣ, фаъолияти операторони пайгирикунандаи гардиши молҳо ва раванди назорати онҳо» тибқи талаботи моддаи 45 Кодекси андоз қабул шудааст, ки мақсади он рақамикунонии хизматрасониҳои давлатӣ, кам кардани иқтисоди пинҳонӣ, пайгирии истеҳсол, интиқол ва фурӯши молҳо ва ҳифзи саломатии интеъмолкунандагон ба ҳисоб меравад.

Тибқи талаботи ин қарор ҷоринамоии марҳалавии рамзгузории электронии молҳо барои намудҳои зерини молҳо таъмин карда мешавад:

- то 1 июли соли 2024 барои тамокуи коркардшуда, маҳсулоти саноатии ивазкунандаи тамоку ва маҳсулоти тамоку, маҳсулоти дорои никотин, моеи дорои никотин, маҳсулот аз тамокуи гармкардашуда, сигорҳои электронӣ ва дастгоҳҳои интиқоли дуд тавассути мушаххаснамоии рақамӣ;
- то 1 июли соли 2024 барои ҳамаи намудҳои спирт, машрубот ва маҳсулоти спиртдор ва нӯшокиҳои нерудиҳанда;
- то 1 январи соли 2025 барои воситаи дору ва молҳои тиббӣ;
- то 1 январи соли 2026 барои оби нӯшокӣ ва нӯшокиҳои хунуккунанда;
- то 1 январи соли 2027 барои техникаи маишӣ.

Дар ин замина, Нақшаи чорабиниҳои Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 октябри соли 2023, №23/10-237(9) тасдиқ шудааст, ки аз 29 банд иборат буда, дар 19 банди он Кумитаи андоз иҷрочӣ мебошад. Кумитаи андоз ҳар моҳ ба унвонии Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷрои Қарор ва Нақшаи чорабиниҳои номбаршуда мактуби ахборотӣ ирсол менамояд.

Иттилоъ дода шуд, ки бо мақсади иҷрои бандҳои дахлдори нақшаи чорабиниҳои болозикр, ки иҷрои онҳо дар моҳи октябри соли 2023 пешбинӣ шудааст, аз ҷониби Кумитаи андоз як қатор корҳои муайяни зерин ба анҷом расонида шудаанд. Аз он ҷумла доир ба таъин намудани Оператор оид ба пайгиринамоии муомилоти мол Фармоиши Раиси Кумитаи андоз аз 25 июли соли 2023, №346 ба тасвиб расида, тибқи он Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди «Технология Групп» ҳамчун Оператор интихоб карда шуд.

Дар ҷараёни ҷаласа, роҳбари ҶДММ "Технология Групп" (Оператор) Ф.Файзуллозода вобаста ба рафти иҷрои корҳо вобаста ба рамзгузории молҳо суханронӣ кард. Ӯ аз он ҷумла қайд намуд, ки бо мақсади иҷрои дастуру роҳнамоиҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати беҳтар намудани муносибатҳои андозӣ бо андозсупорандагон, самаранокии фаъолияти мақомоти андоз, маъмурикунонии андоз, ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои истеъмолкунандагон ҳангоми харидии мол, иҷрои кору хизматрасониҳо ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии субъектҳои хоҷагидор бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 июни соли 2023, №263 «Дар бораи рамзгузории электронӣ, фаъолияти операторони пайгирикунандаи гардиши молҳо ва раванди назорати онҳо» қабул гардидааст.

Номбурда ҳамчунин гуфт, ки Рамзгузории электронии мол раванди нави рақамикунонии назорати молҳои истеҳсолшаванда ва фурухташаванда буда, шаффоф намудани бозорро тавассути пайгирии раванди ҳаракати молҳо таъмин мекунад ва ба ин васила ба истеъмолкунандаи ниҳоӣ кафолати сифати мол дода мешавад. Рамзгузории электронии мол дорои сатҳи дурамзаи - Data Matrix буда, маълумоте дорад, ки аз ҷониби харидор ба таври хеле сода санҷида ва назорат карда мешавад.

Дар идомаи ҷаласа корманди ҶДММ "Технология Групп" А.Мамадсаидов доир ба рафти иҷрои Системаи иттилоотии рамзгузории электронии маҳсулот (СИРЭМ) ва модулҳое, ки дар системаи мазкур ҷойгир мебошанд ба иштирокчиён дар шакли рӯнамо (презентатсия) маълумот дод.

Дар рафти ҷаласа ба саволи роҳбари ҶДММ "Шоҳин" дар бораи муҳлати дасрас намудани рақам доир ба рамзгузории мол посухи мушаххас дод. Ӯ гуфт, ки баъд аз таҳияи барномаи СИРЭМ аз ҷониби корхонаҳое, ки ба истеҳсолу воридот ва хариду фурӯши тамокуи коркардшуда, маҳсулоти саноатии ивазкунандаи тамоку ва маҳсулоти тамоку, маҳсулоти дорои никотин, моеи дорои никотин, маҳсулот аз тамокуи гармкардашуда, сигорҳои электронӣ, спирт, машрубот, маҳсулоти спиртдор ва нӯшокиҳои энергетикӣ машғулбуда бояд худро аввал дар модули барномавии СИРЭМ ба қайд гиранд, баъд барои корхонаи мазкур оид ба миқдори рамзи электронии мол дархост равон кунанд. Дар ин ҳолат аз ҷониби Оператор ба корхонаи мазкур тибқи дархост рамзи электронии мол тариқи электонӣ равон карда мешавад, ки ин амалиёт муҳлати зиёдро намегирад.

Инчунин дар рафти ҷаласа аз ҷониби андозсупорандагон доир ба чунин таҷҳизот барои рамзгузории мол дар бастаҳо ва дастраскунии онҳо, сабаби пардохти маблағи маркаи аксизӣ бо асъори евро барои истеҳсолкунандагони молҳои зераксизӣ, рамзгузории электронӣ, бозпас додани рамзи харидашуда ҳангоми гузаштани муҳлати истифодаи маҳсулоти истеҳсолшуда саволҳо пешниҳод карда шуданд, ки ба онҳо роҳбарияти Кумитаи андоз ва кормандони "Технология Групп" ҷавобҳои мушаххас доданд.

**Ширинмоҳи**
**МУҲАММАДӢ**

# ГУЗАРИШ АЗ ЯК НИЗОМ БА НИЗОМИ ДИГАРИ АНДОЗБАНДӢ - ТАҚОЗОИ ЗАМОН

**Қабули Кодекси андоз барои таъмини рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар, ноил шудан ба ҳадафҳои миллӣ, татбиқи Консепсияи иқтисоди рақамӣ, дастгирии давлатии субъектҳои соҳибкорӣ, бахусус, соҳибкории истеҳсолӣ ва ба равандҳои муосири ҷаҳонӣ мутобиқ намудани низоми андозбандии кишвар нигаронида шудааст.**



Дар ин замина, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2022, таҳти №151 “Дар бораи Қоидаҳои андозбандии фаъолияти соҳибкорони инфиродии дар асоси патент ва шаҳодатнома фаъолияткунанда” тасдиқ гардид, ки он, пеш аз ҳама, қоидаҳои андозбандии фаъолияти соҳибкорони инфиродии дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолияткунандаро доир ба тартиби андозбандии даромади шахсони воқей-резидентҳо ва ғайрирезидентҳо ба сифати соҳибкори инфиродии дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолияткунанда ба танзим медарорад.

Дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд карданд, ки рафти мутобиқ намудани гурӯҳҳои фаъолият ва таъмини гузариши соҳибкорон аз патент ба шаҳодатнома ва аз шаҳодатнома ба шахси ҳуқуқӣ дар мақомоти ҳудудии андоз ба ҳолати 1 апрели соли 2024 мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Бо дарназардошти хусусияти таҳририӣ доштан гурӯҳҳои фаъолияти 25263 нафар ё 24,7 фоизи соҳибкорон ба номгӯйи нави патент ва 47452 нафар ё 46,3 фоизи шумораи умумии соҳибкорони амалкунанда (102393 нафар) бино бар мутобиқат намудан ба шаҳодатнома бо шарти махсус тавассути модулҳои барномаи компютерӣ гурӯҳҳои фаъолияти онҳо ба таври автоматӣ бе ҳозир шудани соҳибкорон ба мақомоти андоз ба тартиби нави қонунгузорӣ мутобиқ гардонида шуда буданд.

Вобаста ба ин, мақомоти ҳудудии андозро зарурат пеш омад, ки дар ҳамкорӣ бо шуъба ва бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ бо роҳи ирсоли огоҳиномаҳо бобати таъмин намудан бо варақаҳои нави патент ва шаҳодатнома бо шартҳои махсус чораҳо андешанд.

Натиҷагирии фаъолияти мақомоти ҳудудии андоз дар ин самт нишон додааст, ки аз шумораи умумии (25263 адад) соҳибкорони тибқи патент амалкунандае, ки гурӯҳи фаъолияти онҳо бе ҳозир шудан ба мақомоти андоз ба тартиби нав мутобиқ гардонида шуда буданд, ба ҳолати 1 апрели соли 2024 (бо дарназардошти соҳибкороне, ки фаъолияти худро қатъ намудаанд), дар маҷмуъ, ба 24538 нафар ё 97,1 фоизро ташкил медиҳад.

Ҳамин тавр, шумораи соҳибкороне, ки гурӯҳи фаъолияташон тавассути модули барномаи компютерӣ мутобиқ карда шудааст аммо то ҳол бо варақаҳои нави патент таъмин нагардидаанд, дар маҷмуъ, 725 нафар ё 2,9 фоизро ташкил медиҳад, ки аз ин шумора 108 нафар ё 2,3 фоиз ба вилояти Хатлон, 272 нафар ё 2,5 фоиз ба вилояти Суғд, 115 нафар ё 2,1 фоиз ба ноҳияҳои шаҳри Душанбе, 15 нафар ё 2,7 фоиз ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва 215 нафар ё 5,9 фоиз ба шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ рост меояд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки рафти гузариш ё дастрас намудани варақаҳои патент аз ҷониби нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои Роғун, Рашт, Нуробод, Тоҷикобод, Ховалинг, Муъминобод, Темурмалик, Балҷувон, Хуросон, Шаҳритус, Левакант, Носири Хусрав, Шаҳристон, Кӯҳистони Мастчоҳ, Мурғоб ва Роштқалъа корро дар ин самт беҳтар ба роҳ монда, раванди мазкурро пурра таъмин намудаанд.

Аз шумораи 47452 нафар соҳибкоре, ки гузариши онҳо ба таври автоматӣ таъмин карда шудааст, (бо дарназардошти соҳибкороне, ки фаъолияти худро қатъ намудаанд), маҷмуан, 46672 нафар ё 98,4 фоиз бо варақаҳои нави шаҳодатнома бо шартҳои махсус таъмин гардида, фаъолияти худро ба тартиби нав мутобиқ намуданд.

Шумораи соҳибкороне, ки то ҳол бо варақаҳои нави шаҳодатнома бо шартҳои махсус таъмин нагардидаанд (бе дарназардошти соҳибкорони бефаъолият), дар маҷмуъ, 780 нафар ё 1,6 фоизро ташкил медиҳад, ки аз ин шумора 214 нафар ё 1,5 фоиз ба вилояти Хатлон, 415 нафар ё 3,0 фоиз ба вилояти Суғд, 42 нафар ё 0,4 фоиз ба шаҳри Душанбе, 17 нафар ё 2,2 фоиз ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва 92 нафар ё 1,4 фоиз ба шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ рост меояд.

Дар ин давра рафти дастрас намудани варақаҳои шаҳодатнома бо шартҳои махсус дар шаҳру ноҳияҳои Ваҳдат, Роғун, Турсунзода, Рашт, Нуробод, Тоҷикобод, Сангвор, Ховалинг, Темурмалик, Балҷувон, Қубодиён, Левакант, Шаҳристон, Истиқлол ва Дарвоз пурра таъмин карда шудааст.

Тавре гуфта мешавад, намудҳои алоҳидаи фаъолияти қаблан тибқи патент аз рӯи гурӯҳҳои 1, 2, 3, 29, 35, 36, 38, 40 ва 46 фаъолияткунанда, ки дар гузашта якчанд намуди фаъолият дар як банд пешбинӣ гардида буданд, бо дарназардошти ба дигар гурӯҳҳо якҷоя, ҳамзамон дар алоҳидагӣ пешбинӣ гардидани онҳо, вобаста ба хусусияти фаъолият, маблағи пардохт барои ин соҳибкорон як хел нест. Маҳз чунин амал зарурати ҳозир шудани соҳибкорони мазкурро ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ ва мутобиқ намудани гурӯҳи фаъолият ба миён овард.

Баррасии фаъолияти мақомоти ҳудудии андоз дар ин самт нишон медиҳад, ки аз 18806 нафар ё 18,4 фоизи шумораи умумии соҳибкорони амалкунанда соҳибкороне, ки зарурати ҳозир шудан ба мақомоти андозро ба миён оварда буд, ба ҳолати 1 апрели соли 2024 аз ҷониби мақомоти ҳудудии андоз, баъд аз ирсоли огоҳиномаҳо ва таъкидҳои пайваста, фаъолияти 7124 нафар ё 37,9 фоиз ба номгӯйи нави патент, 6831 нафар ё 36,4 фоиз ба шаҳодатнома бо шартҳои махсус мутобиқ гардонида шуданд, ҳамзамон баъд аз қатъгардонии фаъолият 792 нафар ё 4,2 фоиз тариқи гузариш ба шаҳодатнома дар низоми содакардашуда таъмин карда шудааст. Ҳамин тавр, аз 18806 нафар соҳибкор 14752 нафар ё 78,4 фоизи соҳибкорон ба мақомоти андоз ҳозир шуда, гурӯҳҳои фаъолияти худро ба тартиби нав мутобиқ кардаанд.

Раванди гузариш ва ё мутобиқ намудани гурӯҳҳои фаъолият аз рӯи фаъолиятҳои зикршуда, ки зарурати ҳозир шудани онҳоро ба мақомоти андоз пеш овардааст, мутаносибан дар ВМКБ 503 нафар ё 81,7 фоиз, вилояти Хатлон 3510 нафар ё 80,6 фоиз, вилояти Суғд 3926 нафар ё 83,8 фоиз, шаҳри Душанбе 3248 нафар ё 64,5 фоиз ва дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар маҷмуъ, 3565 нафар ё 86,7 фоизро ташкил медиҳад.

Рафти гузариши соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома дар низоми содакардашуда аз рӯи намудҳои фаъолияти алоҳида, ки гузариши онҳо ба шахси ҳуқуқӣ пешбинӣ гардидаанд, то ба охир расонида нашудааст. Мутобиқи маълумоти барномаи компютерӣ, аз шумораи умумии соҳибкорони тибқи шаҳдатнома фаъолияткунанда тибқи мактубҳо, санадҳои азназаргузаронӣ ва гурӯҳбандии фаъолият шумораи соҳибкорони дар асоси шаҳодатнома амалкунандае, ки намуди фаъолияти онҳо барои гузариш ба шахси ҳуқуқӣ мутобиқат менамоянд, дар маҷмуъ, 3413 нафарро ташкил медиҳад, яъне ба ҳолати 1 апрели соли 2024 гузариши танҳо 2284 нафар ё 66,9 фоизи соҳибкорон ба шахси ҳуқуқӣ таъмин гардидааст. Шумораи соҳибкороне, ки аз рӯи фаъолиятҳои интихобнамуда то ҳол ба шахси ҳуқуқӣ нагузаштаанд, 1129 нафар ё 33,1 фоизро ташкил кардааст.

Новобаста аз тадбирҳои дар ин самт роҳандозишуда, таъмини гузариши соҳибкорон ба шахси ҳуқуқӣ ба талабот ҷавобгӯ нест. Зеро аз ҷониби ноҳияҳои шаҳри Душанбе аз 702 адад гузариши ҳамагӣ 558 адад ё 79,5 фоиз, ВМКБ аз 59 адад гузариши 55 адад ё 93,2 фоиз, вилояти Хатлон аз 738 адад гузариши 407 адад ё 55,1 фоиз, вилояти Суғд аз 1483 адад гузариши 850 адад ё 57,3 фоиз ва дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ аз 431 адад гузариши 414 адад ё 96,1 фоиз таъмин карда шудаасту халос.

Дар Кумитаи андоз изҳор доштанд, ки сари вақт нагузаштани соҳибкорон ба шахси ҳуқуқӣ чанд сабаб дорад, ки яке аз он дар сатҳи паст қарор доштани дониши ҳуқуқии андозсупорандагон ва минбаъд ба миён омадани ӯҳдадориҳои иловагӣ ҳангоми дар шакли шахси ҳуқуқӣ фаъолият намудан мебошад, ки чунин андозсупорандагон бо ҳар роҳу восита аз гузаштан ба шахси ҳуқуқӣ худдорӣ менамоянд ва дар дигар ҳолат бо мақсади саркашӣ аз пардохти андозҳо дар тобеияти ҷамъиятҳои алоҳида даромада истодаанд, ки ҳолати мазкур боиси ба миён омадани нофаҳмиҳо гардидааст.

Нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои Сино, Ваҳдат, Роғун, Турсунзода, Рашт, Ҳисор, Нуробод, Рӯдакӣ, Тоҷикобод, Варзоб, Сангвор, Кӯлоб, Фархор, Данғара, Шамсиддин Шоҳин, Балҷувон, Бохтар, Левакант, Ёвон, Хуҷанд, Айнӣ, Бӯстон, Хоруғ, Рушон, Дарвоз, Ишкошим, Роштқалъа ва Шуғнон рафти гузариши соҳибкорон ба шахси ҳуқуқӣ пурра таъмин карда шудааст.

- Бо мақсади татбиқи амалии қарори мазкур, - гуфтанд дар Кумитаи андоз, - якҷоя бо мақомоти ҳудудии андоз дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бо соҳибкорон пайваста семинар-машварату вохӯриҳо ва корҳои фаҳмонадиҳӣ мегузаронем. – Илова бар ин, бо мақсади дастрасии андозсупорандагон ва кормандони мақомоти ҳудудии андоз номгӯйи намудҳои нави фаъолияти соҳибкории амалишаванда аз рӯи патент ва шаҳодатнома бо шартҳои махсус дар лавҳаи эълонҳо, даромадгоҳҳои нозиротҳои андоз ва бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, ҳамчунин, сомонаи Кумитаи андоз ҷойгир карда шудааст, ки шаҳрвандон ва андозсупорандагон метавонанд аз онҳо маълумот гиранд.

Дар умум, қоидаҳои нави андозбандии шахсони воқей, ки фаъолияти соҳибкориро дар шакли патент ва ё шаҳодатнома амалӣ менамоянд, асосан, ба дастгирии субъектҳои соҳибкории хурд, беҳтар кардани маъмурикунонии андози соҳибкорони инфиродӣ, дуруст ташкил намудани омори фаъолияти чунин субъектҳо ва пешгирӣ аз қонунвайрокуниҳои андозӣ нигаронида шудаанд.

**Тоҳир ЗИКРУЛЛО**

# МУОИНАИ ХРОНОМЕТРАЖӢ

## Фаъолияти мақомоти ҳудудии андоз дар ин самт чӣ натиҷа дод?

**Муоинаи хронометражӣ шакли назорати андозӣ буда, дар асоси талаботи моддаи 43 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади муқаррар намудани даромад ва хароҷоти воқеии андозсупоранда дар даврае, ки мавриди муоина қарор мегирад, гузаронида мешавад.**

Ба гуфтаи сардори шуъбаи Раёсати санҷишҳои амалиётӣ ва назорати фаврии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷомӣ Муродализода, дар 3 моҳи соли 2024 аз тарафи мақомоти андоз бо мақсади муайян намудани манбаи аслии андозбандишаванда фаъолияти 1066 андозсупоранда (450 шахси ҳуқуқӣ ва 616 соҳибкори инфиродӣ) таҳти муоинаи хронометражӣ қарор гирифтааст. Аз он ҷумла дастгоҳи марказии Кумитаи андоз 262 адад, шаҳри Душанбе 161 адад, вилояти Хатлон 241 адад, вилояти Суғд 332 адад, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 10 адад ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 60 адад андозсупорандаро таҳти муоинаи хронометражӣ қарор додаанд.

Даромади умумии андозсупорандагони таҳти муоинаи хронометражӣ қарордодашуда то давраи муоинашаванда ба ҳисоби миёна дар як моҳ 57,1 млн сомониро ташкил дода, баъд аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ ба 94,6 млн сомонӣ баробар карда шудааст, ки нисбат ба манбаи андозбандишавандаи пеш аз муоина 37,5 млн сомонӣ зиёд мебошад.

- Дар рафти гузаронидани муоинаи хронометражӣ, - қайд кард Ҷомӣ Муродализода 806 коргари кирояи иловагӣ ошкор карда шуд. - Нисбати 664 андозсупоранда барои риоя накардани қонунгузории андоз ба маблағи 5,5 млн сомонӣ протоколи маъмурӣ тартиб ва пардохти маблағи ҷаримаҳои маъмурӣ ба маблағи 2,4 млн сомонӣ (ё 43,6%) таъмин карда шуд. Бояд гуфт, ки ҷиҳати пурра ба буҷет рӯёнидани боқимонда 3,1 млн сомонӣ маблағи ҷаримаҳои маъмурӣ чораҷӯйи идома дорад.

Таҳлилҳои барномаи "Муоинаи хронометражӣ" нишон доданд, ки новобаста аз таъкидҳои пайвастаи роҳбари Кумитаи андоз, дар се моҳи соли 2024 аз 1066 Фармоиши ба имзо расонидашуда, то ҳол натиҷаи 57 Фармоиш (ё 5,3%) дар барнома мавҷуд нест. Яъне аз тарафи нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои Исмоили Сомонӣ 3 - адад, Фирдавсӣ 1 адад, Сино 7 адад, Ваҳдат 1 адад, Рашт 1 адад, Рӯдакӣ 1 адад, Шаҳринав 1 адад, Сангвор 2 адад, Мир Саид Алии Ҳамадонӣ 4 адад, Данғара 1 адад, Ховалинг 1 адад, Муъминобод 2 адад, Бохтар 2 адад, Ҷалолиддини Балхӣ 1 адад, Кушониён 2 адад, Абдураҳмони Ҷомӣ 1 адад, Шаҳритус 1 адад, Ёвон 5 адад, Хуҷанд 1 адад, Деваштич 1 адад, Зафаробод 3 адад, Исфара 2 адад, Панҷакент 3 адад, Истаравшан 1 адад, Бобоҷон Ғафуров 6 адад ва Ашт 1 адад дар барномаи мазкур дохил карда нашудааст.

Тибқи барномаи СМИИА муайян карда шуд, ки аз тарафи нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои Роғун, Турсунзода, Ҳисор, Нуробод, Сангвор, Фархор, Мир Саид Алии Ҳамадонӣ, Шамсиддин Шоҳин, Темурмалик, Бохтар, Хуросон, Кушониён, Панҷ, Айнӣ, Гулистон, Конибодом, Шаҳристон, Истиқлол ва Ашт дар рафти гузаронидани муоинаи хронометражӣ дар фаъолияти андозсупорандагон ягон коргари кирояи иловагӣ ошкор карда нашудааст.

Ҷомӣ Муродализода хотирасон намуд, ки дар давоми се моҳи соли 2024 аз тарафи нозиротҳои андоз дар шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва вилояти Хатлон барои гузаронидани муоинаи хронометражӣ дар фаъолияти 485 андозсупоранда тибқи барномаи СМИИА ба Кумитаи андоз дархост пешниҳод карда шуда, пас аз мувофиқа аз ҷониби нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои зерин дар фаъолияти 212 (43,7%) андозсупоранда муоинаи хронометражӣ гузаронида нашудааст, аз он ҷумла шаҳру ноҳияҳои Шоҳмансур 3 адад, Исмоили Сомонӣ 1 адад, Фирдавсӣ 42 адад, Сино 19 адад, Ваҳдат 10 адад, Роғун 4 адад, Турсунзода 4 адад, Рашт 2 адад, Ҳисор 7 адад, Лахш 2 адад, Нуробод 2 адад, Рӯдакӣ 9 адад, Точикобод 3 адад, Файзобод 9 адад, Шаҳринав 2 адад, Кӯлоб 5 адад, Фархор 1 адад, Мир Саид Алии Ҳамадонӣ 1 адад, Данғара 4 адад, Ховалинг 11 адад, Темурмалик 13 адад, Бохтар 12 адад, Вахш 3 адад, Хуросон 3 адад, Қубодиён 5 адад, Ҷалолиддини Балхӣ 1 адад, Кушониён 16 адад, Абдураҳмони Ҷомӣ 7 адад, Ҷайҳун 1 адад, Панҷ 1 адад, Шаҳритус 1 адад, Левакант 2 адад, Ёвон 5 адад ва Норак 1 адад.

